# *Роҳзанҳои баҳрӣ*
# *ва*
# *13 ҳикояи дигар*

## *Мундариҷа*

*1. Роҳзанҳои баҳрӣ*.......................................... **4**

*2. Агар ин фош шавад!*.................................... **12**

*3. Се масеҳии кӯршабпаракмонанд*.................. **17**

*4. Дарсе ки ҳеҷ фаромӯш намешавад*............. **25**

*5. Хоби ғафлат*................................................ **32**

*6. Томи коғазбурак*......................................... **38**

*7. Наҷотдиҳанда*.............................................. **43**

*8. Киштирони дуруст*...................................... **52**

*9. Чӯпони меҳрубон*......................................... **55**

*10. Чӣ тавр ин хел беақл шудан мумкин аст*............................................. **59**

*11. Ҳодисаи беҳтарини ҳаёти ман*................. **6 3**

*12. Янги гуреза*................................................ **74**

*13. Пиранйҳо*................................................... **88**

*14. Миссионери хурдсол аз Берлин*.................... **94**

## *1. Роҳзанҳои баҳрӣ*

Салим ва Ҳабиб киштичаи бодбондоре сохтанд. Бодбони киштича аз матои сиёҳ дӯхта шуда буд. Онҳо дар рӯи матои бодбон сурати косахонаи сари одамро кашиданд. Ҳангоме ки Дилдор-амакашон дар боғ гул мешинонд, онҳо фахркунон киштиро ба ӯ нишон доданд.

– Бачаҳо, барои чӣ шумо бодбони сиёҳро интихоб намудед? – пурсид амак.

Ҳабиб бо қиёфаи ҷиддӣ ба ӯ гуфт:

– Ин киштии роҳзанҳои баҳрӣ аст!

– Оё шумо медонед, ки ин одамон чӣ гуна буданд?

– Ҳа, – фикрашро гуфт Салим, – ман ба қарибӣ дар бораи роҳзанҳои баҳрӣ филме тамошо кардам. Онҳо шахсоне буданд, ки киштиҳои савдогаронро ғорат мекарданд.

Дилдор-амак онҳоро аз назар гузаронида, китфҳояшро ҷунбонду гуфт:

– На фақат аз савдогарон, балки аз дигаронро низ ғорат мекарданд. Ман имрӯз бисёр кор кардам, лекин биёед, мо ҳозир дар зери он дарахт мешинем ва ман ба шумо дар бораи роҳзанҳои баҳрӣ ҳикоя мекунам.

Салим аз хурсандӣ қарсак зад, зеро медонист, ки Дилдор-амак нақлҳои шавқовар мекунад. Ҳабиб киштичаашро гирифта, ба рӯи миз монд, лекин онро зуд фаромӯш кард.

– Хайр бачаҳо, – Дилдор-амак ба нақл кардан оғоз кард, – шояд шумо инро намедонед, лекин ин ҷинояткорон дар ҳамаи замонҳо буданд. Зиёда аз 2000 сол пеш, яъне пеш аз милод,

аллакай ин ҷинояткорони баҳрӣ буданд. Таърихшиносони асрҳои миёна, яъне замоне ки тақрибан 500 сол пеш буд, ба мо хабар медиҳанд, ки дар соҳилҳои Африқо ва баҳри Миёназамин киштиҳои чунин ҷинояткорон бо байрақи сиёҳ шино мекарданд. Дар замони мо онҳо танҳо дар филмҳо ва романҳо вуҷуд доранд. Ба ҳар ҳол, якчанд сол пеш мардум чунин фикр мекарданд. Вале ногоҳ онҳо чизи дигареро фаҳмиданд. Чӣ шуд?

Охирҳои моҳи январи соли 1961 дар рӯзномаҳо боз калимаи «роҳзанҳои баҳрӣ» пайдо шуд. Роҳзанҳо киштии гаронбаҳои «Санта Мария»-ро ғорат карданд. Бале, роҳзанҳои баҳрӣ! Ҷаҳон бо диққати тамом хабарҳоро аз Америкаи Марказӣ гӯш мекард. Галвао ном марде бо 23 ҳамдасташ шабона ҳуҷум карда, киштии «Санта Мария»-ро аз худ кард. «Санта Мария» фахри тамоми флоти тиҷоратии Португалия буд. 558 мусофир ва 350 корманди киштӣ бояд ба онҳо гӯш мекарданд. Шумо чӣ фикр мекунед, ин чӣ гуна хабар буд! Чархболҳо киштии гумшударо чанд рӯз ҷустуҷӯ карданд. Онро дар уқёнуси Атлантика ёфтанд, ки он рост ба Португалия ҳаракат мекард.

Ин ҷиноятро пешакӣ ба нақша гирифта буданд. 23 нафар ҷинояткор 20-уми январи соли 1961 ба киштӣ чун мусофир савор шуданд. Аслиҳаи калонтарине ки бо худ доштанд, шашто милтиқи автоматӣ буд, ки онҳоро ба се ҷомадон ҷо карданд. Коргарони шинос онҳоро бе тафтиш ба киштӣ даровარданд.

Ҷинояткорон нисфи шаб ба кори худ сар карданд. Дар саҳни киштӣ овози таппонча баланд шуд. Ду баҳрнавард тир хӯрданд. Капитани киштӣ сахт ба хоб рафта буд ва доду войро намешунид. Пас аз понздаҳ дақиқа як баҳрнавард омада, дари ҳуҷраи капитанро кӯфт. Ӯ хабар дод, ки баъзе мусофирон шӯриш бардоштаанд. Капитан Майя либосҳои хизматияшро пӯшида, ба саҳни киштӣ баромад. Ӯ фикр кард, ки чанд бадмаст занозанӣ карда истодаанд. Лекин то ба саҳни киштӣ расида натавонист, зеро марди ношиносе таппончаро ба пешонааш рост кард. Капитан Майя ба қафо баргашт. Вай зуд ба идораи худ даромада, хост занг занад. Аммо аз гӯшаки телефон овози ношиносе омад:

– Ман капитан Галвао ҳастам. Ман бо фармони сарлашкар Делгадо Ира Шиффа киштиро ба дасти худ гирифтаам. Мо ҳуҷраи фармондеҳӣ, ва ҷойҳои муҳими дигарро низ ба даст овардаем. Барои ҳифзи ҳаёти худ зидди мо ҳамла накунед. Ба мо зӯратон намерасад. Танҳо ба фармонҳои мо гӯш диҳед.

Ҳуҷраи фармондеҳӣ дар дасти роҳзанҳои баҳрӣ буд! Капитан Майя акнун фаҳмид, ки тамоми киштӣ дар ихтиёри онҳост. Чунки ҷои асосӣ барои идора кардани киштӣ ҳуҷраи фармондеҳӣ аст. Муҳимтарин асбобҳои баҳрнавардӣ дар он ҷо буданд. Кормандони киштӣ роҳи дурустро ҳамеша аз ҳуҷраи фармондеҳӣ дида метавонистанд. Хулоса: касе ки дар ҳуҷраи фармондеҳӣ бошад, ҳамон кас киштиро идора мекунад. Капитан Майя ба ҳамаи талаботҳои марди ношинос

итоат мекард. Киштӣ роҳашро давом дод. Танҳо роҳ дигар шуд, мусофирон бошанд инро намефаҳмиданд. Рӯзи дигар капитани нави киштӣ назди мусофирон омада, ба онҳо ин ҳолатро фаҳмонд. Ӯ ба онҳо гуфт, ки тоқат кунанд. Агар фармонҳои роҳбари ӯ, Галваоро риоя кунанд, бо онҳо ҳеҷ чиз намешавад.

Пас аз чанд рӯз киштиҳои ҳарбии Британия ва ИМА киштии гумшударо дар шарқи Тринидад ёфтанд. Лекин онҳо коре карда наметавонистанд, чунки ҳаёти мусофирон дар хатар буд. Бо телефон гуфтушунид бисёр шуд. Дар охир ба ҷиноятқорон ваъда доданд, ки онҳоро дар Бразилия қабул мекунанд. Онҳо маҷбур шуданд, ки гӯш диҳанд, чунки сӯзишвории киштӣ тамом шуда истода буд. Адмирали амрикоӣ Смит ба киштӣ даромада, роҳбариро ба дасти худ гирифт. Барои ҳамаи мусофирон рӯзҳои душвор ба охир расиданд. Аммо онҳо ба фарзандону наберaҳои худ нақл мекарданд, ки онҳо як бор дар киштӣ бо бодбони сиёҳ буданд. Ана бачаҳо, роҳзанони замони мо ҳамин тавранд.

Дилдор-амак пашшаеро аз пеши чашмаш ронда, давом дод:

– Мо ҳамчунин метавонем ба замонҳои пештара рӯ оварем. Чанд ҳазор сол пеш ба ҳамин монанд ҳодисае рӯй дод. Дар он вақт низ ҷиноят пешакӣ бисёр дақиқ ба нақша гирифта шуда буд. Лекин бар хилофи Санта Мария, он на он қадар анҷоми хуб дошт. Ин воқеа дар замоне рӯй дод, ки дар дунё одамони аввалин зиндагӣ мекарданд. Номи мард Одам буд!

Номи зан бошад Ҳавво буд!

Шунавандагони Дилдор-амак ин нақлро нағз медонистанд, аммо хомӯш менишастанд, то ки Дилдор-амак нақлашро давом диҳад.

– Ҳар ду дар боғе ки биҳишт меномиданд, зиндагӣ мекарданд. Дар он ҷо ҳар намуд дарахтон, гулҳо ва ҳайвонҳо буданд. Одам ва Ҳавво хӯроки фаровон дошта, аз чизе шикоят надоштанд. Ҳоло ҳам агар одаме аз ҳама чиз таъмин бошад, «ӯ дар биҳишт аст» мегӯянд. Аммо чизи аз ҳама муҳим ин буд, ки Худо онҳоро ҳар рӯз хабар мегирифт. Оё мо тасаввур карда метавонем, ки ин чӣ чуна буд?

Салим ва Ҳабиб аз ин дилпур буданд, аммо Дилдор-амак зуд гапашро давом дод:

– Лекин дар наздашон як шахси дигаре низ буд, ки фикри бад дошт. Ин шайтон буд. Аз сабаби он ки одамон бо Худо муносибати хеле наздик доштанд, ӯ ҳамеша дар ғазаб мешуд. Ӯ медид, ки одамон Худоро хеле дӯст медоранд. Ҳангоме ки Худо наздашон меомад аз омадани Ӯ хеле шод мешуданд ва ҳамроҳи Ӯ дар боғ сайр мекарданд. Байни инсону Худо ягон бадӣ ё дурӯғ набуд, ки онҳоро аз ҳам ҷудо мекарда бошад. Бинобар ин инсон метавонист бо Худо хурсандона зиндагӣ кунад. Дар байни шайтон ва Худо бошад муносибати хуб набуд. Зеро Худо ӯро барои бадиҳояш лаънат хонда буд. Ӯ нисбати инсон бахилӣ дошта, фикр мекард: *«Ман чӣ тавр инсонро аз Худо ҷудо кунам?»*

Рӯзе аз рӯзҳо ӯ ҳилае фикр карда баромад. Ӯ худро ба шакли мор даровarда, дар назди Ҳавво пайдо шуд. Вақте ки Ҳавво дар боғ сайру гашт

мекард, ӯ Ҳавворо ҷеғ зад:

– Ҳавво!

Ҳавво ба атроф нигариста, ҳайрон шуд.

– Ҳавво!

– Лаббай, кӣ гап мезанад?

– Ҳавво, ба меваи ин дарахт нигар. Он чӣ қадар зебо аст, ҳамин тавр не? Он чӣ қадар бомаза аст! Оё хоҳиши хӯрдани онро надорӣ?

Ҳавво ба сӯи дарахти мевадор нигоҳ кард, ва зуд фаҳмид, ки ин ҳамон дарахтест, ки Худо хӯрдани меваашро манъ карда буд. Худо ба онҳо гуфта буд, ки агар аз меваи ин дарахт хӯранд, мемиранд. Одаму Ҳавво аз «марг» метарсиданд. Чунки ин маънои онро дошт, ки онҳо алоқаро бо Худо гум мекарданд. Не, онҳо ҳеҷ гоҳ инро намехостанд. Аммо шайтон найранги худро давом дод. Ӯ бо забони ширину ғамхорона ба Ҳавво гуфт:

– Эй Ҳавво, оё ту фикр мекунӣ, ки дар ҳақиқат Худо ин тавр мекунад? Нигоҳ кун, ин мева чӣ қадар назаррабо аст. Худо онро барои хӯрдан офаридааст!

Шайтон ба Ҳавво ба ҳамин монанд суханҳо гуфт. Ҳавво дудила шуд ва баногоҳ дасташро дароз карда, меваро аз дарахт чинд. Ӯ меваро гирифта хӯрд, ва ба Одам низ аз он дод.

Ҳангоме ки зану мард онро хӯрданд, дарк карданд, ки дар онҳо чизе дигаргун шуд. Аввал фаҳмиданд, ки либос надоранд, ва аз ин шарм доштанд. Пештар ба ин эътибор намедоданд.

Ва баъд ҳис карданд, ки аз дилашон чизе нест шуд. Акнун овози наву ношиносе дар дили

онҳо сухан меронд. Ин овоз ба онҳо фармонҳои бад медод ва тоқати онро надошт, ки онҳо ба ӯ беитоатӣ кунанд. Бинед, шайтон мисли роҳзани баҳрӣ роҳи худро ба дили инсон пайдо кард. Вай худро дар дили одам ҷой карда, ҳаёти одамро роҳбарӣ мекард. Чунки дил «ҳуҷраи фармондеҳӣ» аст, ки дар ҳаёт ҳама фармонҳо аз он ҷо мебароянд.

Азбаски шайтон дили Ҳавво ва Одамро роҳбарӣ мекард, дили фарзандони онҳоро низ роҳбарӣ мекунад, дили ману туро ҳам. Оё шумо ягон бор ҳайрон мешавед, ки дурӯғ гуфтан аз рост гуфтан осонтар менамояд? Ман аниқ медонам, ки волидонам ба ман дурӯғ гуфтанро наомӯхтаанд. Ман ногоҳ, беихтиёр дурӯғ гуфта «тавонистам». Аз куҷо? Ин аз сабаби шайтон аст, ки то ҳол дар диламон ҳаст ва моро роҳбарӣ мекунад, Исои Масеҳ бошад ӯро падари дурӯғ меномад. Шайтон дар диламон ҳамеша дурӯғ ва баҳонаҳоро меандозад ва мо бояд донем, ки то даме ки ӯ дар ҳаёти мо ҳукмронӣ мекунад, мо ба биҳишт рафта наметавонем. Дар он ҷо ба ӯ роҳ дода намешавад.

Дилдор-амак чойникро гирифта, дар пиёлаҳо чой рехта, ба бачаҳо дароз карду боз нақлашро давом додан хост. Аммо Салим суханашро бурид:

– Дилдор-амак, лекин ман мехоҳам ба биҳишт равам.

Ҳабиб бо ӯ ҳамфикр буд:

– Ман ҳам! Муаллимаи гурӯҳи якшанбегӣ ба мо якшанбеи гузашта гуфта буд, ки ба сӯи биҳишт танҳо як роҳ ҳаст.

Дилдор-амак табассум кард:

– Албатта роҳ ҳаст. Лекин мо бо диле ки шайтон дар он киштирон аст, ба сӯи биҳишт равона шуда наметавонем. Мо бояд шайтонро аз худ дур кунем!

– Вале мо чӣ тавр метавонем ӯро аз худ дур кунем?

– Гӯш кунед! – Давом дод Дилдор-амак, – ман нақл кардам, ки дар Санта Мария адмирали амрикоӣ ба киштӣ омад. Ӯ акнун роҳбар шуд ва роҳзанони баҳрӣ дигар ҳуқуқи гап задан надоштанд. Пас онҳо киштиро тарк карданд ва мусофирону коргарон аз онҳо халос шуданд.

Рӯи Ҳабиб медурахшид:

– Ман акнун фаҳмидам. Шумо гуфтаниед, ки мо бояд он ҷоеро, ки шайтон забт кардааст, ба Исои Масеҳ диҳем?

– Рост гуфтӣ, – гуфт Дилдор-амак, – мо инро зуд дарк мекунем, чунки ногаҳон ба мо рост гуфтан осон мешавад. Ҷое ки Исои Масеҳ ҳаст, дар он ҷо ростӣ низ ҳаст. Исои Масеҳ мегӯяд: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман». Агар Исо киштирони мо шавад, дурӯғ бояд нест шавад.

Аз рӯи ҳар ду писарбача маълум буд, ки онҳо инро нағз фаҳмиданд. Аммо онҳо боз як савол доштанд. Ҳабиб пурсид:

– Дилдор-амак, инро чӣ тавр бояд кард?

Дилдор-амак каме фикр карда, баъд гуфт:

– Чашмонатро пӯшида, ҳамаашро ба Худо гӯй, ки чӣ тарз бо роҳбарии киштирон – шайтон

зиндагӣ мекардӣ. Ва аз Исои Масеҳ илтимос кун, ки ин киштиронро яъне шайтонро дур карда, роҳбарии ҳаётатро ба дасти Худаш гирад.

– Ман мехоҳам ҳамин тавр шавад, – фикр кард Салим. – Ман имрӯз бегоҳ дуо мекунам, то ки Исои Масеҳ киштирони ман шавад.

Соат шаш шуд. Салим аз ҷояш хест.

– Ман бояд ба хона равам, – гуфт ӯ.

Ҳабиб ҳам бояд мерафт. Дилдор-амакро низ занаш барои хӯроки шом интизор буд. Онҳо боғро тарк карданд. Дар сари ҳар се фикрҳои зиёд давр мезаданд.

## 2. Агар ин фош шавад!

Кори дӯстдоштаи Саид устогӣ, таъмир кардан буд. Аз ҳамин сабаб ӯ гоҳо ҳатто вазифаҳои хонагиашро фаромӯш мекард. Занги дарвозаашонро ӯ худаш сохта буд. Мошинаи дарздӯзии модарашро ба наздикӣ соз кардан хост.

Модараш ба ӯ боварӣ дошт, аммо каме ноором ҳам буд. На барои он ки Саид корҳоро карда наметавонист, балки аз он ки аз дарсаш ақиб мемонд. Ба наздикӣ падари Саид ба ӯ манъ кард, ки ба чунин чизҳо даст расонад.

– Агар ту ҳозир рост нишаста, дарсҳоятро тайёр накунӣ, ман асбобҳоятро мегирам, – гуфт ӯ.

Саид медонист, ки падараш ҷиддӣ мегӯяд, аммо аз ин кораш даст кашида наметавонист. Аз ҷудо кардан ва баъд боз якҷоя сохтани чизҳо ӯ бисёр хушҳол буд. Ӯ дарзмол, чангкашак ва ҳатто радиоро кушода,

қисмҳояшро аз ҳам ҷудо намуда, боз якҷоя кардааст. Ин албатта кори бузург аст, вақте ки ҳамааш боз нағз кор мекунад.

Як рӯз ӯ фаҳмид, ки волидонаш ба хабаргирии амакаш меравард. Ӯ фикр кард, ки ин барои машғулияти дӯстдоштааш вақти хуб аст. Дар болои ҷевон соати кӯҳна меистод. Даруни онро Саид ягон бор надида буд.

Пеш аз рафтанашон падараш Саидро ҷиддӣ насиҳат кард: “Нағз рафтор кун ва боодоб бош! Вақте ки ман бармегардам, мехоҳам вазифаҳои хонагии тайёркардаатро бинам”.

Дар ҳақиқат Саид дарсҳояшро тайёр карда, арақшор шуд. Ӯ мехост падарашро хурсанд кунад. Вазифаҳои хонагиаш аз вақти муқаррарӣ дида дертар давом карданд. Ӯ ягон бор луғати англисиро ин қадар дер варақ назада буд. Хайрият, дар охир ҳамааш тайёр шуд. Ӯ китобҳояшро зуд ба сумкааш андохт ва баъд асбобҳои кории худро овард. Дере нагузашта писарча чизи меросиро дудаста мекофт. Саид бо тамоми ҳушаш бо кор машғул буд. Ӯ бо эҳтиёт мурватчаҳоро* кушода, онҳоро бо тартиб ба рӯйи миз гузошт. *“Қисми дарунии соат ин тавр будааст”*, – фикр кард ӯ. Ӯ як дам ин мӯъҷизотро тамошо кард. Баъд ӯ ба ҳарос афтод. Зеро аллакай вақти ҷамъ ва ҷо ба ҷо кардани қисмҳои соат расида буд. Ӯ ғайратмандона кор карда, мурватҳо ва қисмҳои дигари соатро ҷо ба ҷо дуруст монд, ӯ ягон чизро омехта накард. Охирин мурват ва, тамом!

* Мурват – болт ва гайка

Саид аз худ фахр мекард, чунки соат чун пештара тиқ-тиқ мекард. Ӯ ба соати дастиаш нигоҳ карда, соати калонро дуруст кард. Соат понздаҳта кам панҷ буд. Баъд аз понздаҳ дақиқа падару модараш меоянд.

Саид ногаҳон аз тарс як қад парид. Дар ҳуҷра се садои фораму дилнишин шунида мешуд. Соат, ки солҳои дароз овоз намебаровард, дар вақти муайян садо дод. Аз ин сабаб Саид тарсид. Тиқ-тиқи ақрабакҳои соат сирри ӯро фош мекард, ӯ ҳамаи асбобҳояшро ғундошта, ба анбор бурда монд. *"Ин кори беақлона буд,* – фикр кард ӯ, – *чӣ кор кунам?"* Баъд аз даҳ дақиқа ки ақрабаки соат панҷи расоро нишон медиҳад, он ҷарангосзанон овоз мебарорад. Баъд аз чор маротиба барои чоряк соат ва панҷ маротиба барои соати пурра зарба задан, соат боз ҷарангосзанон садо мебарорад. Падару модарам албатта инро мешунаванд. Ӯ ба назди тиреза шитофт. Волидонаш дар назди дарвоза аз автобус фаромаданд. Чӣ бояд кард?

Саид ба ҳуҷрааш рафта, китоб ба даст гирифту худро китобхон вонамуд кард. Ӯ овози бо калид кушода шудани қуфли дарро шунид. Падараш дарро кушод. Саид ба падару модараш салом гуфта, дар бораи соат гап назад. Ӯ ба ҳуҷраи худ рафта, боз китоб хондан гирифт. Аммо чанд маротиба ба соати дастияш нигоҳ кард. Дақиқаҳо оҳиста-оҳиста мегузаштанд. Дар сари Саид ҳар гуна фикрҳо давр мезаданд; ба қарибӣ соат панҷ мешаваду соат ҷарангос мезанад ва сир фош мешавад. Ӯ худро бад ҳис кард. Кошки соат ҷарангосзанон овоз

намебаровард! Он гоҳ чизе маълум намешуд. Он гоҳ бисёр нағз мешуд! Корашро ҳеҷ кас надид-ку.

Ногоҳ ба ёдаш дарси охирини мактаби якшанбегӣ расид. Дар яке аз нақлҳои Китоби Муқаддас ҷумлаи: *“Ҳеҷ кас намебинад-ку”* чанд бор такрор шуда буд. Сухан дар бораи як мард буд, ки бо либоси хеле ифлос ба тӯйи марди бой омад. Дар назди даромадгоҳ либосҳои тозаву зеборо бепул тақсим мекарданд, аммо ин мард аҳамият надода, бо либоси ифлос ба базм даромад. Муаллимаи мактаби якшанбегӣ ҳикояи шавқоварашро шарҳ дода, дар бораи он гуфт, ки ин ҳикоят ба мо чӣ муносибат дорад. Саид дар хона нақлро боз як бори дигар хонд. Сухани апаи Дилрабо дар гӯшаш садо дод:

– Он чи дар ин ҷаҳон фош намешавад, дар осмон ҳама онро мебинанд. Худоро ҳеҷ кас фиреб дода наметавонад.

Эҳтимол, ин мард фикр кард: “*Дар осмон касе аниқ намебинад. Ман бо либосҳои кӯҳна равам ҳам, дар чунин базми калон касе ба ман аҳамият намедиҳад”.*

Саид ин ҳикояро нағз дар ёд дошт, аз ҳама зиёдтар ӯ охири ҳикояро ба хотир овард. Мард ба дӯзах партофта шуд, ки дар он ҷо азобу тарс ва ҳарос аст. Исои Масеҳ ин масалро ба шогирдонаш нақл карда буд. Саид андешид: *“Агар дар ин ҷо фош нашавад, дар осмон албатта фош мешавад. Исои Масеҳ дид, ки ман бе иҷозати падарам соатро кушодам. Исои Масеҳ ҳама чизро мебинад-ку. Агар волидонам ҳеҷ чизро нафаҳманд ҳам, дар боло ҳама чиз*

*аллакай маълум аст!"* Аз ин фикрҳо ӯ тарсид.

Саид ба хулосае омад. Ӯ мард буданашро исбот кардан хост. Ӯ ба ҳуҷрае ки волидонаш менишастанд, даромад. Оҳиста ӯ назди падараш рафта, худро ширин кард. Падараш хандид. Ӯ писарашро медонист.

– Ҳа, Саид, боз чӣ шуд? Ту боз ягон хато кардӣ.

Овози мард хашмгин набуд. Саид худро ба гап задан маҷбур кард.

– Дада ман боз ба чизе даст расондам, лекин ман инро дигар ҳеҷ вақт такрор намекунам.

Падараш ба охири суханҳо аҳамият надод, чунки ӯ писарашро нағз медонист. Падараш пурсид:

– Оё ту ягон чизро вайрон кардӣ?

– Не дада, ман ҳеҷ чизро вайрон накардам!

– Ба ростӣ ҳеҷ чизро вайрон накардӣ? Дар дастат чӣ буд?

– Ман чӣ гуна будани даруни он соати кӯҳнаро дидан хостам.

– Баъд чӣ? – падараш бо ҳарос ба тарафи соат нигоҳ кард. – Ҳоло кор мекунад-ку, – хулоса баровард ӯ ва ба Саид нигоҳ кард. – Агар худат намегуфтӣ, ман ҳеҷ чизро намефаҳмидам.

– Не, дада, шумо мефаҳмидед! Вақте ки ман... – ӯ гапи худро қатъ кард.

Як овози шинос нӯҳ бор садо дод, соат панҷ шуд. Фаҳмондани Саид дигар лозим набуд.

Падараш баланд хандид:

– Хайрият. Ту сирратро бо таъмир кардани чизҳо фош кардӣ.

Саид худсанд шуд.

– Ман аз ростӣ дигар ба ҳеҷ чиз намерасам!

Падар бо даст мӯйҳои писарашро сила кард.

– Саид, писарам, ин тавр нагӯ, ман туро медонам. Дар Китоби Масалҳо ояте ҳаст: *«Касе ки аз тӯҳфаҳои бардурӯғ фахр мекунад, мисли абрҳо ва шамоли беборон аст»*. Дигар ҳамааш хуб аст.

– Ҳамааш?

– Ҳа, ҳамааш. Ё боз ба ягон чизи дигар даст задӣ?

– Не, лекин оё дар назари Худо ҳамааш хуб аст? Ӯ ҳамаашро дид-ку?

Симои падараш ҷиддӣ шуд.

– Биё ба назди ман шин. Писарам, ин кори мушкил нест. Исои Масеҳ гуфтааст: *«Ҳар кӣ назди ман ояд, Ман ӯро пеш намекунам!»* Акнун ту бо дуо ба наздаш раву аз ӯ бахшиш бипурс. Ту розӣ ҳастӣ?

Саид чашмонашро барои дуо кардан пӯшид. Он шаб Саид нағз хоб кард, чунки медонист, ки на танҳо падараш, балки Исои Масеҳ низ ӯро бахшид. Ҳамаи онҳое ки ба гуноҳҳояшон иқрор мешаванд, Исои Масеҳ онҳоро мебахшад.

## *3. Се масеҳии кӯршабпаракмонанд*

Вагони сеюм пур аз дуди сигор шуда буд. Дар берун бошад, шамоли форам мевазид. Ду марди тануманд чунон саргарми сӯҳбат буданд, ки писарбачаи дар вагонашон бударо намедиданд. Ҷон аз шаҳри Чикаго аллакай дар қатора нишаста буд. Аз киссаи палтояш таппончаи кӯдакона намоён буд. Ӯ онро бароварда, аз тиреза берунро нишон гирифт. Ӯ

дар сараш кулоҳи васеъ дошт. Дар берун ӯ подаи қӯтосҳоро дид. Ӯ чӣ қадар хурсанд мешуд, агар дар болои асп нишаста, бо таппончаи ҳақиқӣ паррон-паррон мекард.

Лекин ба қарибӣ ин орзуяш амалӣ мегашт. Шаҳри Канзас дар пушт монд ва дар пешашон шаҳри Топека буд. Ба қарибӣ ба Ню-Мексико мерасиданд. Ҷон дар назди Давид-амак якчанд моҳ меҳмон мешавад. Чанд ҳафта боз ӯ инро орзу мекард. Падараш, ки марди сарватманд буд, ба писараш пеш аз рафтанаш либоси деҳқонии амрикоӣ тӯҳфа кард. Ба Ҷон манзараҳои паси тиреза хеле маъқул буданд. Ӯ инро бо суратҳое ки писари Давид-амакаш Ҷим фиристода буд, муқоиса кард.

– Оё Ҷим маро дар истгоҳи қатора пешвоз мегирифта бошад? – фикр мекард Ҷон.

Расо дар соати ду қатора дар истгоҳи Эл-Пасо истод. Ҷон бо борхалтааш дар назди дари қатора тайёр шуда истод. Ҳангоме ки дари қатора кушода шуд, ӯ фаромада ба гирду атроф чашм дӯхт.

– Оё ту Ҷон Мюллер ҳастӣ?

Ҷон ба сӯи овоз нигоҳ карда, як марди қадбаланду танумандро бо як писарчаи наврас
дид.

– Ҳа, – шармгинона гуфт ӯ. – Ҷон Мюллер аз Чикаго.

– Ман Давид, амаки ту ҳастам. Марҳамат, шинос шавед: номи ин кас Ҷим аст. Хуш омадӣ, Ҷон!

Ҷим борхалтаи Ҷонро гирифт ва онҳо истгоҳи қатораҳоро тарк карданд. Ҷон кунҷковона

пурсид:

– Аспҳоятонро дар куҷо мондед?

– Мо онҳоро наовардаем, мо бо мошин омадем, – хандида ҷавоб дод Давид-амак.

Ҷим илова кард:

– Бо мошини сабукрав мо роҳро тез тай мекунем. Дар чунин роҳҳо ин қулайтар аст.

Вақте ки ба хонаашон расиданд, аллакай торик шуда буд. Аз ин сабаб барои бо аҳли оила шинос шудан вақт хеле кам буд, дере нагузашта ӯ монда шуда дар ҷогаҳ хобид.

Субҳи дигар Ҷон бори якум ба асп савор шуд. Ҷим ба ӯ каме кӯмак расонд. Дар роҳ ба сӯи саҳро онҳо хеле сӯҳбат карданд. Ҷим ҳама навигариҳои Чикагоро донистан мехост ва Ҷон низ бисёр саволҳо дошт.

– Инҳо коргарони шумоянд?

– Ҳа, – ҷавоб дод Ҷим, – лекин мо ба онҳо коргар гуфта муроҷиат намекунем, падарам ба онҳо «бойз» гуфта муроҷиат мекунад, яъне бачаҳо. Ҳоло ту бо онҳо шинос мешавӣ. Онҳо мардҳои хубанд. Он марди дарози дар болои аспи сафед буда роҳбари онҳост. Номи ӯ Клифф аст. Ӯ гитараро хуб навохта метавонад. Нисбат ба дигарон ӯ ба ман бештар маъқул аст. Ӯ ҷӯраи ҷонии ман аст. Ва ӯ ба ман ваъда дод, ки имрӯз бо мо сайру гашт мекунад.

Ҷон ба ҳаяҷон омад. Ин мард ба ӯ низ писанд омад.

Аспҳо дар рӯи замини санглох оромона роҳ мерафтанд. Ҷим хомӯш буд. Ҷон оҳиста-оҳиста

фаҳмид, ки ба аспсаворӣ одат накардааст. Ӯ кӯрпачаи мулоимро орзу мекард. Ва ӯ дар бораи Ҷим низ фикр мекард. Ӯ аз Ҷим дуо карданро интизор набуд. Субҳ ӯ дуо карда буд. Ҳангоме ки Ҷон дар бораи Клифф аниқтар пурсид, фаҳмид, ки Ҷим бо ӯ дар бораи Исо гап мезанад. Ҷон бошад Исоро танҳо аз дарси мактаби якшанбегӣ мешинохт.

– Ҷим, медонӣ чӣ, – оромиро вайрон карда гуфт Ҷон, – ман он қадар диндор нестам. Волидонам маро ба мактаби якшанбегӣ мебаранд. Аммо бисёр вақт ман рафтан намехоҳам. Баъд ман ва ҷӯраҳоям мегурезему занги дари одамонро мезанем. Ин хандаовар аст, вақте одамон нимхоб аз тирезаашон нигоҳ мекунанд ва ҳеҷ касро намебинанд. Дар сари дастархон ман ҳам дуо мекунам, лекин ин корро ҳамеша мекунам, чунки бояд кунам.

Ҷим хандид.

– Агар Клифф инро мешунид, ба ту мегуфт: Ту масеҳӣ-кӯршабпарак ҳастӣ!

– Ту бо ин чӣ гуфтан мехоҳӣ?

– Худаш инро ба ту мефаҳмонад.

Бегоҳӣ се савора сӯи ғор рафтанд. Клифф, Ҷон ва аз ҳама охир Ҷим. Офтоб фуромада истода буд. Ба зудӣ ҳама ҷо торик мешавад. Онҳо бо худ фонусчаҳо гирифта буданд. Ин бегоҳ чизе рӯй медиҳад, ки Ҷон онро дер гоҳ фаромӯш намекунад.

– Мо бояд шитоб кунем, чунки офтоб фуромада истодааст. – Клифф аспашро тозонд. Дар таги як харсанг онҳо аспҳояшонро бастанд. Ҷон бо ҳаяҷон интизорӣ мекашид. Онҳо дар пеши ғори на чандон калоне истоданд. – Ин ҷо

шинед, – ба тарафи ғор ишора карда, пичирос зад Клифф, – ҳозир сар мешавад.

Ғор дар ҳақиқат зинда шуд. Сарҳои майда бо гӯшҳои калон пайдо шуданд. Ногоҳ дар як дам ҳазорҳо кӯршабпаракон аз ғор баромаданд. Онҳо саросема буданд, чунки ба қарибӣ торик мешуд. То он вақт онҳо бояд шикамашонро аз ҳашаротҳо пур кунанд.

Ҳаво чунон торик шуд, ки ҳеҷ чиз дида намешуд, Клифф чароғҳоро даргиронд. Ягон кӯршабпарак дида намешуд. Ҳама кӯршабпаракҳо боз дар ғор пинҳон шуданд.

Онҳо хомӯшона ба сӯи хона мерафтанд. Клифф онҳоро насиҳат карда гуфт:

– Бачаҳо, ҳозир рафта зуд хоб кунед! Фардо субҳи барвақт ба тамошои уқоб меравем.

Ҷон дар он шаб барои фикр кардан вақт надошт. Ӯ баъд аз ин рӯзи душвор монда шуда, зуд хобаш бурд.

Вақте ки субҳи содиқ Ҷонро аз хоб бедор карданд, дар назари ӯ шаб кӯтоҳ намуд. Ӯ мехост боз хоб равад. Аз тарафи дигар ӯ мехост уқобро бинад. Ӯ ноилоҷ аз хоб хест.

Роҳе ки онҳо мерафтанд, аз дирӯз аллакай ба Ҷон шинос буд. Аммо имрӯз каме роҳро дигар карданд. Онҳо аз аспҳо фуромада, ба болои кӯҳпора баромаданд, ки ин он қадар осон набуд. Ин ба Ҷон хеле душвор буд.

Онҳо дар назди як харсанг истоданд ва Клифф ба онҳо ишора кард, ки ба замин хам шаванд. Онҳо чароғро хомӯш карда, оҳиста-оҳиста ба пеш омаданд. Аз тарафи шарқ шафақи сурх намуддор шуду дере нагузашта нурҳои офтоб

аён шуданд. Табиати гирду атроф аз нав зинда шуд. Паррандаҳо ба сурудхонӣ даромаданд. Кӯрмушҳо бошанд аз хонаҳои теризаминияшон баромаданд.

Клифф ба сӯи як харсанг ишора кард. Ҷон ба чашмонаш бовар намекард. Тақрибан панҷ метр поёнтар лонаи уқоб буд. Уқоб бо ифтихор болҳояшро паҳн карда буд. Ду уқобчаи майда таги болҳои модарашон пинҳон шуда буданд.

– Ҳоло аҳамият диҳед! – гуфт ковбой. Пеш аз он ки ӯ гапашро тамом кунад, уқоб аз лонааш ба сӯи офтоб парвоз кард. Вай рост ба сӯи офтоб парвоз мекард. Тамоман баланд, ки дар назари Клифф, Ҷим ва Ҷон танҳо як нуқтача маълум буду халос. Уқоб аз назар пинҳон шуду онҳо дигар онро дида натавонистанд ва боз ба назди аспҳояшон баргаштанд.

Вақте ки ба хона баргаштанд, Клифф ба онҳо гуфт, ки ин бегоҳ ман ба шумо саргузаштҳои бисёреро қисса мекунам. Ва зуд аз пайи корҳояш шуд.

Бегоҳӣ ҷӯраҳо ба хонаи Клифф рафтанд. Онҳо шавқманди шунидани ҳикояҳои ваъдашуда буданд.

Ковбойи солхӯрда ба Ҷон писанд афтод. Ҳарчанд Клифф фарзанд надошта бошад ҳам, ӯ чун падар буд. Акнун Ҷон кунҷковона аз ӯ пурсид:

– Акаи Клифф, масеҳӣ-кӯршабпарак чӣ маъно дорад?

Дӯсти онҳо, ки ба мисли падарашон буд, ин саволро интизор буд.

– Медонӣ, Ҷон, барои он ки ту инро фаҳмӣ, ман ба ту як ҳикоя нақл мекунам. Ин ҳикояро

касе эҷод кардааст; аммо он маънии чуқур дорад, ки дар бораи он фикр кардан лозим аст. Акнун гӯш кун:

Кӯршабпаракҳо худро танҳо ҳис мекарданд. Ягон ҷонваре набуд, ки ба онҳо монандӣ дошта бошад. Ҳамин тавр онҳо роҳбари худро ба назди паррандаҳо фиристоданд. Паррандаҳо дар берун аз равшанӣ лаззат мебурданд. Ӯ аз паррандаҳо хоҳиш кард, ки кӯршабпаракҳоро ба ҷамоати худ қабул кунанд. Вақте ки паррандаҳо қанотҳои бепари кӯршабпаракҳоро диданд, ба ҳамдигар пичиросзанон гуфтанд:

– Паррандаи пашмдор? Не ин тавр шуданаш ҳеҷ мумкин нест!

Роҳбари кӯршабпаракҳо ғамгин шуда, ба ғор баргашт. Лекин кӯршабпаракҳо аз ин дилмонда нашуданд. Роҳбари онҳо боз ба ҷои дигар рафт. Ин навбат вай ба назди ҷонвароне ки дар торикӣ мезистанд, рафт. Роҳбари кӯршабпаракҳо бо азоби зиёде ба хонаи танги муши саҳроӣ даромад. Ӯ ба вай илтиҷокунон гуфт:

– Намуди зоҳирии мо ба шумо монанд аст. Мо танҳо ҳастем. Моро ба идҳоятон даъват кунед. Мо омада, бо шумо рақсу бозӣ мекунем.

Вақте ки мушҳо инро шуниданд, хандида ҷавоб доданд:

– Муши қанотдор? Шумо чӣ гуна мерақсед?

Як мушак думашро нишон дода бо фахр гуфт:

– Шумо ақаллан ба мисли мо думи зебо ҳам надоред.

Мушбибӣ бошад бо овози гирифта гуфт:

– Гӯшҳои шумо ин қадар калонанд, ки бо

онҳо шумо метавонистед деворҳоро тоза рӯбед. Роҳбари кӯршабпаракҳо бо ғамгинӣ роҳашро давом дод. Онҳоро на ҷонварони рушноӣ қабул мекунанд, на ҷонварони торикӣ. Аз он рӯз сар карда онҳо дар байни торикӣ ва равшанӣ аз пайи ризқу рӯзӣ мебароянд.

Дар хона оромӣ ҳукмфармо шуд, танҳо овози кундаҳои дар оташ чарс-чарс сӯхтаистода мебаромаду халос. Клифф як чӯбро ба оташ партофта, гапашро давом дод:

– Ҷон, акнун мефаҳмӣ, масеҳӣ-кӯршабпарак он шахсе аст, ки дар нури Исои Масеҳ набуда, дар торикӣ гашта худро бад ҳис мекунад. Ба мисли одами диндор, ки тамоми шариатро риоя мекунад, аммо Исоро аз ҷону дил қабул намекунад. Ӯ дар байни ин ду қутб роҳи худро мекобад, вале ба мақсад расида наметавонад. Мо мехоҳем чун масеҳӣ-уқоб бошем. Зеро вай мақсади асосӣ дорад, ки бо офтоб зиндагӣ кунад, яъне ба Исои Масеҳ наздик шавад. Рӯйи мо бояд сӯи Ӯ бошад, чунки танҳо дар нури Ӯ мо хурсандии ҳақиқиро меёбем.

Яке аз онҳое ки Ӯро қабул кардааст, Ҷим мебошад. Ӯ аз он вақт тамоман одами дигар шудааст. Агар ӯ ҳамин хел давом диҳад, ҳама ковбойҳо хӯҷаини ҷавони худро эҳтиром мекунанд.

Ин шаб Ҷон нағз хоб рафта натавонист. Ӯ бо чашмҳои кушода дар ҷогаҳаш дароз кашида, андеша мекард. Зиндагии ӯ ба мисли зиндагии масеҳӣ-кӯршабпарак буд. Ӯ Исоро ҳеҷ вақт ҷиддӣ қабул накарда буд. Аз рафтан ба мактаби якшанбегӣ ӯ масеҳии

ҳақиқӣ шуда наметавонист. Инро ӯ аллакай медонист. Пеш аз хоб рафтанаш ӯ дар назди худ мақсад гузошт: ман мехоҳам, ки ба мисли масеҳӣ-уқоб бошам, то дар наздикии нур зиндагӣ кунам.

## 4. Дарсе ки ҳеҷ фаромӯш намешавад

– Ман аз дидани акаи Ҳасан хеле хурсанд шудам! – Фирӯз бетоқатона ба назди акаи Ҳасан расидан мехост. Ҳамсинфаш Ғанӣ каме дигар хел фикр мекард:

– Агар ӯ дар хонааш набошад, баъд чӣ кор мекунӣ? Аз куҷо медонӣ, мумкин вай дар сафар бошад?

Фирӯз аз ин суханон рӯҳафтода нашуд:

– Ба фикрат, ӯ боз ба ягон ҷо рафтааст? Чунин андешаи бад накун, зеро фардо ӯ дар лабаратория кори бисёр дорад. Шояд каме сабр кунем. Хайр, чӣ кор кунем ... – Сӯҳбаташон боз ба мавзӯи таътили саршуда гузашт.

Рӯзи дигар боз писарбачаҳо ба сӯи шаҳр равона шуданд. Онҳо ба аробае ки ба шаҳр шир мебурд, савор шуданд. Ҳар ду писарбача саргарми сӯҳбат шуда, нафаҳмида монданд, ки ароба ба сарҳади шаҳр расидааст. Олим роҳравии аспҳоро тезонид.

Писарбачаҳо каме хаста шуданд. Ғанӣ даҳонашро кушода, гуфт:

– Таътил чӣ хел хуб аст!

– Ҳа. Боз аз ҳама хубтараш он аст, ки мо бо Олим ба шаҳр рафта истодаем.

– Аслан мо бояд аз ин аробаи кӯҳна шарм кунем. Дар ин замон кӣ бо аспу ароба ба шаҳр

меравад? Деҳаи мо доим дар пушти моҳтоб аст. Мардуми деҳаҳои дигар ширашонро бо тракторҳо ба шаҳр меоранд. Мо бошем мотори алафӣ дорем. – Даҳони Ғанӣ аз гап задан гарм шуда буд.

– Падарамон бошад аспро дӯст медорад, – гуфт Фирӯз. – Вай ба наздикӣ гуфта буд, ки аспҳоро ҳеҷ вақт намедиҳад.

– Ӯ ин фикрашро ҳоло тағйир медиҳад, – Ғанӣ хомӯш истода наметавонист. – Агар Олим аз кор равад, падарам ягон хизматгори дигар ёфта метавониста бошад, ки бо аспҳо кор кунад? Фикр накун, ки ӯ ягон касро меёбад. Чунки бисёрҳо дар ҷое ки трактор ҳаст, кор кардан мехоҳанд. Ман низ ин тавр мекардам. Аспҳо зебоянд, вале бисёр кор карда наметавонанд. Онҳоро ҳар саҳару бегоҳ хӯрондан, об додан, тоза кардан даркор аст! Не, бо трактор калидро мегирию корро анҷом медиҳӣ. Агар бензин дошта бошад, саҳарӣ калидро меандозию тамоми рӯз кор мекунад.

– Вақте ки вайрон мешавад, агар асп дошта бошӣ, аспҳоро аз оғил мебарорию бо онҳо кор мекунӣ.

– Ҳой, бачаҳо! – Нидо кард Олим аз ҷояш, – фароед, мо расидем!

Бачаҳо зуд фаромада, пойҳояшонро ҷунбониданд, то ки ба пойҳои хобрафтаашон хун давад.

– Ман тамоман рост истода наметавонам! – оҳ кашида гуфт Ғанӣ.

– Хайр, ту бо лимузин наомадӣ-ку. Ин ароба аст, – Фирӯз бо чӣ омаданашонро аниқ кард.

Бо даст шимашро сахт афшонд.

– Акаи Олим, дар шаҳр коратон кай тамом мешавад?

– Ба фикрам, тақрибан баъд аз як соат. Имрӯз зиёдтар кор дорам.

– Хуб, мо назди акаи Ҳасан меравем!

Дере нагузашта онҳо дар байни ҳавлӣ буданд. Дастҳо дар киса, дар даҳон сақич, таътилро ҷашн мегирифтанд. Ин ҳавлӣ ба онҳо шинос буд. Бори аввал нест, ки онҳо дар ин ҷо ҳастанд. Аз дигар биноҳо гузашта, зуд ба тарафи бинои калон рафтанд. Ногаҳон Ғанӣ Фирӯзро тела дод:

– Нигоҳ кун, акаи Ҳасан дар он ҷост!

– Хеле хуб, пас, бинии ман дуруст мегуфтааст. Ман аллакай фикр карда будам, ки акаи Ҳасан имрӯз дар ин ҷост.

Онҳо бо шитоб аз назди асбобҳо гузашта, ба назди дӯсти падарашон, акаи Ҳасан расиданд.

Мард онҳоро меҳрубонона пешвоз гирифт:

– Ҳа бачаҳо, имрӯз дарс нест?

– Не, акаи Ҳасан, ба таътил баромадем!

– Хуб, гоҳо таътил фоида дорад, муаллимҳоро доим азоб додан нағз нест, – хандида гуфт акаи Ҳасан ва ба тахтапушти Фирӯз дӯстона якто зад.

– Акаи Ҳасан, ба хонаи мо кай меоед? – омадани ӯро донистанӣ шуда, пурсид Ғанӣ.

– Аслан бояд имрӯз мерафтам. Чунки аспи ҷигарии деҳқон Фитрат касал асту ӯ барои аспаш ғам мехӯрад. Ман бояд аспро аз назар гузаронам.

– Шумо дар бораи аспҳо ягон маълумот

доред?

– Албатта, – гуфт Ғанӣ, аммо Фирӯз гапашро бурид:

– Акаи Ҳасан дар бораи асп бисёр чиз медонад.

– Албатта, андаке муболиға кардед.

Акаи Ҳасан аз як сатил шир гирифта, онро ба шишача рехт.

– Аммо бо аспҳо каме таҷриба дорам. Як вақтҳо ман ҳам асп доштам, аммо баъд...

– Чӣ-чӣ шуд? Акаи Ҳасан, нақл кунед, чӣ шуд! – кунҷковона гуфт Фирӯз.

– Ҳа, мутаассифона, дар натиҷаи садамаи автомобилӣ ҳамааш аз хотираам гум шудааст.

Фирӯз остини мардро кашида, гуфт:

– Акаи Ҳасан, инро бояд ба мо нақл кунед!

Акаи Ҳасан бошад механдид:

– Акнун маҷбурам, ки нақл кунам. Хайр майлаш. Каме сабр карда истед, то ман корамро ба охир расонам, баъд якҷоя ба толори хӯрокхӯрӣ меравем.

Пас аз чанд дақиқа ҳар се ба сӯи толор рафтанд. Акаи Ҳасан барои ҳар дуяшон якпиёлагӣ шир гирифт. Онҳо дар толор ҷой гирифта нишастанд. Акаи Ҳасан каме истоду баъд гуфт:

– Шумо медонед, ман дар деҳот калон шудаам. Падари ман деҳқон буд. Деҳқон ҳамеша фахр мекунад, ки писараш аз ҳама барвақт аспрониро ёд мегирад. Ман аспҳоямонро дӯст медоштам, чунки онҳо хеле зебо ва нағз буданд. Вақте ки онҳоро савор шуда аз деҳа мегузаштам, фахр мекардам.

Вақте ки ҳаждаҳсола шудам ба гурӯҳи ҷавонон рафтам, ки он ҷо ба ман хеле писанд афтод. На фақат аз сабаби он ки дар он ҷо ҳар гуна бозиҳо мекардем. Мо дар он ҷо дар бораи Исои Масеҳ гап мезадем. Мо дар он ҷо фаҳмидем, ки Исо Худованд ва Наҷотдиҳанда аст. Баъди қабул кардани ин ҳақиқат ҷавонон кӯшиш мекарданд, ки хеле софдилона зиндагӣ кунанд. Ҳамчунин ман фаҳмидам, ки бо Исо ҳеҷ кореро нимкора ба ҷо овардан мумкин нест. Ман низ кӯшиш мекардам ҳама корро аз таҳти дил ба ҷо оварам.

Рӯзе дар гурӯҳи ҷавонон мо дар бораи он гуфтугӯ доштем, ки дар зиндагиямон набояд чизҳое бошанд, ки онҳоро аз Худо зиёдтар дӯст дорем. Сардори гурӯҳ ба мо гуфт, ки фикр кунем: дар зиндагиямон боз чӣ чиз ҳаст, ки диламон бисёртар ба он моил мебошад. Ӯ гуфт, ки ин ба монанди бутпарастӣ мебошад, аммо дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки мо бояд як Худо дошта бошем.

Бегоҳӣ, вақте ки дар ҳуҷраам будам, фикр кардам, ки оё дар зиндагии ман ин хел бут ҳаст? Маҷмӯаи маркаҳои почтаро, ки бо пули зиёди он вақт ба даст оварда будам, ба одамон тӯҳфа кардам. Ман дигар қасам намехӯрдам ва қартабозӣ намекардам. Дар хобам Худо боз як чизеро нишон дод, ки ман хеле дӯст медоштам: аспҳои ман. Ман аз онҳо бисёр фахр мекардам. Падарам онҳоро дар рӯзи зодрӯзам ба ман тӯҳфа карда буд.

Оё аспҳо бутҳои ман буданд? Ман дар ин бора бисёр фикр кардам. Ман ба худ тасаввур кардам:

агар ба ман интихобе пешниҳод мекарданд, ки рӯзи якшанбе ба ҷамоат равам ё бо аспҳо сайру гашт кунам, ман чиро интихоб мекардам? Ман ҷавоб ёфта натавонистам. Аммо ман мехостам, ки пурра аз Худо бошам. Он шаб ман дуо кардам: *«Падари осмонӣ, агар ман аспҳоро аз Ту зиёдтар дӯст дорам, ба ман ягон роҳ нишон деҳ, ки аз ин бутҳо халос шавам».*

Ман медонистам, ки Худо ба дуо ҷавоб медиҳад, лекин ин тавр амал карданашро намедонистам.

Ҳар ду писарча бо диққат гӯш медоданд. Фирӯз савол дод:

– Худо чӣ кор кард? Оё шумо овозеро шунидед, ки ба шумо гуфт, ки чӣ дуруст ва чӣ нодуруст аст?

– Не, не. Аллакай рӯзи дигар ман ба дуоям ҷавоб гирифтам. Падарам дарахтбурҳоро ҷеғ зад ва онҳо дар ҷангал дарахт мебуриданд. Ман бошам бо ёрии аспҳоям дарахтонро бояд ба хона мекашондам. Ин кори хеле вазнин буд. Вақти кашондани чӯбҳои вазнин аз ҷангал аспҳо арақ мекарданд. Ман охирин дарахтонро бор карда, аз ҷангал ба сӯи хона равона шудам. Ман ва ду дарахтбур ба ароба савор шуда будем. Ногаҳон чизи бениҳоят бад рӯй дод. Аз назди кӯл як пода гавазн давида гузашт. Аспҳо тарсида, суръаташонро тез карданд. Дарахтбурҳо аз ароба афтиданд. Аспҳо маро низ ба замин партофтанд. Ман дод задам. Аз бандҳояшон сахт кашидам. Лекин ҳеҷ фоида надошт, ман аз шиддати дард банди аспҳоро сар додам.

Аспҳо дав гирифта, бо суръати тез аз баландӣ ба поён мефаромаданд. Акнун онҳо мехостанд истанд, вале наметавонистанд. Ман боз дод задам. Дарахтбурҳо аз пушти аспҳо давиданд, вале аллакай дер шуда буд. Ҳар ду асп бо ароба ба даруни кӯл афтиданд. Чӯбҳо ба болои об баромаданд, лекин аспҳо ки баста шуда буданд ғарқ шуданд. Ман хостам даруни кӯл даромада, онҳоро аз бандҳо раҳо кунам. Лекин дарахтбурон маро намонданд. Онҳо гуфтанд, ки ман девона шудаам, ки дар моҳи феврал ба даруни оби хунук медароям. Ман фаҳмидам, ки ба даруни об даромадан хатост. Мо ба қаиқе ки дар наздикӣ буд, савор шудем, вале аллакай дер шуда буд. Аспҳо ба об чуқур рафта, дар лой ғӯтида буданд. Ман ғамгин шуда ба хона омадам. Падарам маро сарзаниш карданӣ буд, вале дигарон гуфтанд, ки ин айби ман набуд. Лекин акнун барои ман чӣ фарқ дошт: аспҳоям аллакай мурда буданд.

Бегоҳ ба ҳуҷраам даромада, хостам барои ин воқеа Худоро айбдор кунам. Чаро Ӯ аспҳоямро гирифт?! Онҳо чизи дӯстдоштаи ман буданд. Ман Падари Осмониро фаҳмида наметавонистам. Ҳама чизро ман ба Ӯ медодам, фақат аспҳоро не... Акнун бинед, бачаҳо, ҳамин вақт дуои дирӯза ба ёдам омад. Ман ором шуда, ба Худо раҳмат гуфтам. Ҳа, раҳмат! Боз дар дуо чӣ гуфтам, дар ёдам нест. Ман фаҳмидам, ки дар дилам ҷои якумро бояд ба Худо диҳам. Вақте ки мо чизеро аз Ӯ зиёдтар дӯст медорем, Ӯ ғамгин мешавад.

Рӯзи дигар мо бо дигар аспҳо аробаро аз даруни кӯл кашида гирифтем. Аспҳо дар лой

ғӯтида буданд. Он дарсе ки ман дар он рӯз омӯхтам, дарси хеле дарднок буд. Лекин ҳозир ман ба Худо барои он дарс шукр мегӯям.

Ҳар ду писарбача ин суханонро бо диққат гӯш мекарданд.

Фирӯз нафаси чуқур кашид:

– Ин ҳикояро ман дар дарси ояндаи мактаби якшанбегӣ нақл мекунам. Вақтҳои охир мо фармудаҳоро мегузарем. Ва ба қарибӣ ҳамаи онҳоро такрор мекунем.

– Хуб, бачаҳо, – гуфт акаи Ҳасан, – фармудаи якум чӣ буд?

– Ман Худованд Худои ту ҳастам, туро ҷуз Ман худоёни дигар набояд бошад, – ҷавоб дод Ғанӣ.

Ногаҳон Олим ба толори хӯрокхӯрӣ даромад:

– Шумо дар ин ҷо ҳастед! Ман шуморо кофтам. Ман корҳоямро тамом кардам. Биёед меравем!

Бачаҳо бо дили нохоҳам аз акаи Ҳасан ҷудо шуданд.

– Хайр, акаи Ҳасан. Имрӯз ба деҳаи мо мебиёед?

– Ман ҳоло намедонам. Хайр мебинем!

Пас аз чанд вақт ароба аз шаҳр ба сӯи деҳа равон шуд.

## *5. Хоби ғафлат*

Офтоби бегоҳирӯзӣ дар пушти кӯҳҳо пинҳон мешуд. Дар майдончаи лагери хаймагӣ ҷавонписарони зиёде ҷамъ омада буданд. Аллакай вақти гулхан афрӯхтан ҳам расида буд. Гулхан ба зудӣ бо нури худ атрофро

равшан кард. Табиати атрофи лагери хаймагӣ, ки дар назди ботлоқ аст, манзараҳои хеле хубу назаррабо дошт. Лагери хаймагӣ дар алафзор буда, гирду атрофи онро ҷангали анбӯҳ печонда гирифта буд. Аммо барои ба шаҳр расидан даҳ дақиқа роҳ рафтан лозим меомад.

Нисфирӯзӣ мусобиқа барпо шуд ва ғолибон аллакай мукофотҳояшонро хӯрданд. Амин бошад конфети худро чун хотира нигоҳ дошт. Дар лагер шабҳо хеле шавқовар мегузаштанд. Шаби гузашта ғоратгарон омаданд. Албатта ғоратгарони ҳақиқӣ не. Муаллимони ҷавон шаб хомӯшона назди лагер омада, бо овози баланд дод заданд. Онҳо на танҳо ҳамаро аз хоб хезоданд, балки тамоми лагерро чаппа карданд. Ҷавонони танумандро ки рӯзона қуввати худро нишон дода буданд, дошта ба асирӣ бурданд. Онҳоро бераҳмона баста, ба “зиндон” партофтанд. Онҳо бо кӯшиши худашон боз ба лагер баргаштанд.

Писарон маслиҳат карданд, ки имшаб аз муаллимон қасосашонро гиранд. Онҳо медонистанд, ки муаллимон дар наздикӣ дар як хонаи нав истиқомат мекунанд. Онҳо хостанд, ки ба он ҷо ҳамла кунанд. Дар як тарафи ҷангал онҳо дарахтҳои махсус интихоб карданд, то дар онҳо муаллимонро сахт банданд. Лекин бояд аввал шаб аз нисф мегузашт ва баъд онҳо амал мекарданд. Барои кашидани нақшаи амалиёт назди гулхан ҷои нағз буд.

Аммо оташро даргирондан кори осон набуд. Чӯбҳо тар буданду коғаз хеле кам буд. Баъзе

аз донандагони оташдаргиронӣ дар назди чӯбҳо ҷунбуҷӯл карданд, вале аз дасташон чизе наомад. Дар охир Зариф вазъиятро наҷот дод. Ӯ аз куҷое каме бензин ёфта, онро ба болои чӯбҳо рехт. Оташ дарҳол фурӯзон шуд. Ҳама аз тамошои бозии оташ ҳаловат мебурданд.

Мо на фақат ба оташ нигоҳ мекардем. Мо ҳамчунин суруд мехондем, оят мегуфтем ва аз ҳаёти худ шаҳодат медодем. Баъзеҳо дар бораи чигунагии ҳаёташон бо Исои Масеҳ нақл карданд.

Вақти ба охир расидани гулхан як марди миёнсол ба назди давра омад. Ӯ миссионер буд. Ҳама медонистанд, ки миссионер кист ва ӯ дар бораи чӣ гап мезанад. Ӯ шаҳрванди Бразилия буда, миллаташ ҳам бразилиягӣ буд. Ному насаби мард Алсиедес Ҷукш буд. Ӯ нишаста, ҳикоя кард:

– Дар Бразилия бисёр дарёҳои калон ҳастанд. Аз ҳама калонтаринаш ба шумо маълум аст: Амазонка. Он дар дунё дарёи тавонотарин ба ҳисоб меравад. Ҳавзаи дарёро ҷангали экваторӣ пӯшида аст. Дар он ҷо ҳар гуна маймунҳои калон ва хурд зиндагӣ мекунанд. Тӯтиҳои ҳарранга, пантераҳои сиёҳ, мори кубро ва ғайраҳо зиндагӣ мекунанд. Албатта одамон низ дар он ҷо ҳастанд. Онҳо ба мисли дигар амрикоиҳо сурх не, ҷигариянд. Онҳо соҳибони ҷангал мебошанд. Баъзе қабилаҳои одамхӯр низ дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, ки меҳмонҳои худро ба хӯрок даъват карда, онҳоро мехӯранд. Бразилиягиҳо кор карданро он қадар дӯст намедоранд, лекин ба шикор

рафтанро хеле дӯст медоранд. Бо яроқҳои худ то 30 метр ба нишон расонида метавонанд. Онҳо моҳигириро низ хуб медонанд. Онҳо бисёр вақт шасти моҳигириро худашон тайёр мекунанд. Ман мехоҳам дар бораи яке аз ин одамон ба шумо ҳикоя кунам.

Дар Бразилия шаршараҳо хеле зиёданд. Онҳо нисбат ба шаршараи Ниагара дар Америкаи шимолӣ хеле калонтар ва бузургтар мебошанд. Мумкин шумо дар мактаб аз фанни ҷуғрофия дар бораи шаршараҳо хондаед: ин шаршараҳо шаршараҳои Игуассу ном доранд. Онҳо дар кишвари мо шаршараҳои машҳуртарин мебошанд. Шаршараҳои хурд низ ҳастанд, ки то ҳол ном надоранд.

Ин мард дар дарёчаи болои яке аз ин шаршараҳои Бразилия бо қаиқ шино мекард. Ӯ моҳӣ доштан мехост. Ӯ қаиқро ба як решаи дарахт баста, боварӣ дошт, ки банд канда наме- шавад. Ҳаво хеле гарм буд. Офтоб бераҳмонона пӯсти торики ӯро месӯзонд. Аз байн чанд вақт гузашт. Моҳиҳо ба шаст намеафтоданд. Ӯ мон- да шуду оҳиста-оҳиста хобаш бурд. Ҳиндуҳои Амрико дар бораи шикор ва ҷанг хоб диданро дӯст медоранд. Мумкин ӯ дар бораи моҳии ка- лоне ки сайд кардан мехост, хоб медид. Ӯ чу- нон сахт ба хоб рафта буд, ки дар чӣ гуна ха- тар буданашро пайхас намекард. Ногаҳон банд кушода шуду қаиқ ба шаршара наздик шудан гирифт. Аммо ӯ дар дохили қаиқ хоб буду хоб медид. Одамони дар соҳил буда қаиқро диданд. Онҳо аз соҳил истода дод мезаданд, вале вай онҳоро намешунид. Овози об аз овози одамон

баландтар буд. Оҳиста-оҳиста ӯ ба шаршара наздик мешуд. Ногаҳон як савдогар ӯро дида монд. Ӯ бо милтиқаш ба осмон тир холӣ кард, вале моҳигир аз хоб бедор нашуд. То шаршара 200 метр монда буд, ана ҳозир 100, 50, 20, 10, ва тамом. Қаиқ ба шаршара сарозер рафт. Қаиқ аз баландӣ афтида, пора-пора шуд ва об онро гӯр кард. Аз марди бразилиягӣ дигар ҳеҷ ному нишоне намонд.

Гулхан оҳиста-оҳиста хомӯш шуд. Он танҳо каме гармӣ ва равшанӣ медод. Аз ҷангал овози бум шунида шуд. Миссионер чанд дақиқа хомӯш истод.

– Ҳа писарҳо, – давом дод ӯ, – зиндагии мо ба ин хел қаиқ монанд аст. Он ҳоло бастагӣ нест. Мо онро ба тарафи дилхоҳ ронда метавонем. Ҳар рӯз мо калонтар мешавем. Қаиқи мо низ як рӯз метавонад назди чунин ҷарӣ истад. Мо дар дохили қаиқ хоб ҳастем. Ҳеҷ чиз моро бедор карда наметавонад. Одамоне ки дар соҳил ҳастанд, дӯстону бародарони мо бо насиҳат моро аз хоб бедор кардан мехоҳанд, аммо аллакай дер шудааст. Овози об баланд ва қуввати кашиши он бисёр аст. Ман мехоҳам имрӯз ба монанди он огоҳкунандаҳо бошам, ва бо номи Худо шуморо огоҳ кунам: Ту, Ҳасан, ту, Бобо, ту, Ҳусейн, аз ҷараёни об берун шав. Ба қафо, назди Худо, назди Исои Масеҳ баргард. То пир шуданат интизор шуда наист. Мумкин қаиқи ту ба шаршара наздик аст ва баъд аз он ҷо баромаданат душвор мешавад. Аз таъсири гуноҳ халос шудани одами пир душвор аст.

Китоби Муқаддас мегӯяд: *«Ҳар кӣ Маро барвақт ҷӯяд, Маро барвақт меёбад!»* Ман ба

шумо як пешниҳод дорам: назди муаллимони масеҳии худ, назди муаллимони лагер рафта пурсед, ки чӣ кор кунем, то наҷот ёбем. Дар ин кор таъхир накунед, чунки шумо ҳар рӯз ба шаршара наздик мешавед ва кӣ медонад, ки имрӯз ё пагоҳ аз ҷараёни об баромада метавонед ё не.

Лагерро оромӣ фаро гирифт. Гулхан тамоман хомӯш шуд. Писарҳое ки назди гулхан буданд, либосҳои гарм пӯшиданд, чунки ҳаво хунук шуд. Ҳеҷ кас аз ҷояш хестан намехост. Суханони миссионер ба ҳама таъсир карда буданд ва фикрҳои зерин ҳамаро фаро гирифт: *“Зиндагии мо қаиқ аст; мо дар хобем; дарёи гуноҳ; Худоро бештар дӯст доштан ва ғайра”.* Ҳамаи ин суханон дар майнаи онҳо ҳаллу фасл мешуд. Пас аз он ки якҷоя суруд хонданду сардори лагер эълонҳояшро гуфт, бисёриҳо ба хаймаи худ надаромаданд. Баъзеҳо ба назди хаймаи муаллимон рафтанд. Вақте ки муаллимон аз онҳо пурсиданд, ки чӣ мехоҳанд, онҳо ҳама як ҷавоб доданд:

– Мо Исои Масеҳро мехоҳем. Мо мехоҳем аз имрӯз сар карда Худоро аз ҳама чизҳо зиёдтар дӯст дорем. Илтимос, ба мо роҳро нишон диҳед.

Нақшаи қасосгирӣ имшаб амалӣ карда шуд. Саҳарии рӯзи дигар чанд кас дар ин бора гап заданд. Лекин вақте ки баъзеҳо нақл карданд, ки имшаб овози Худоро дар дилашон шуниданд ва аз Ӯ илтимос карданд, ки қаиқи зиндагиашонро аз дарёи гуноҳ наҷот диҳад, қасосгирифтаҳо хомӯш монданд. Писароне

ки моҳияти ин суханонро фаҳмиданд, акнун мехостанд бо Исои Масеҳ зиндагӣ кунанд.

## *6. Томи коғазбурак*

Томи хурдакак дар таги бом чӣ кор мекунад? Ӯ дар болои кӯрпаи рангаи ҷойгаҳаш нишаста, аз коғази кӯҳна варақчаҳо мебурид.

Гирду атрофи ӯ хеле камбағалона менамуд! Ӯ дар як кунҷи камбағалтарини шаҳри Лондон зиндагӣ мекард. Чунин торикию ифлосӣ дар хонаи ҳамаи ҳамсояҳо дида мешуд. Як зани миёнсоле ба ҳуҷра даромада, аз ҷевон чизеро кофта боз аз хона баромад. Ӯ ба писарбачаи маъюб тамоман диққат надод. Ӯ Граннӣ-хола аст. Ӯ ҳамеша аз Том норозӣ аст.

Ин писарча маъюб таваллуд шуда, падару модари худро барвақт аз даст дода буд. Ӯро як холаи аҷоиб ба фарзандӣ қабул карда буд, ки ҳар рӯз аз ин кори кардааш пушаймон мешуд. Ҳамин тавр Том танҳою маъюб ва бе нигоҳубин дар ҳуҷрааш хоб мерафт. Ӯ бисёр вақт модарашро ба хотир меовард, чунки модарашро хеле дӯст медошт. Модараш ба ӯ навиштану хондан меомӯзонд ва дар бораи бисёр чизҳои ҷаҳони атроф нақл мекард. Танҳо дар хусуси як чиз модараш ба ӯ ҳеҷ гоҳ нагуфта буд: дар бораи Исои Масеҳ. Лекин ӯ гоҳ-гоҳ аз рӯзномаи лондонӣ дар бораи Исои Масеҳ мехонд. Дар он ҳатто суханони Китоби Муқаддасро менавиштанд.

– Дар Китоби Муқаддас боз чиҳо навишта шуда бошад? – фикр мекард ӯ. Кошки ман

Китоби Муқаддас медоштам.

– Граннӣ-хола! – Гуфт ӯ як рӯз, – ман хеле мехоҳам Китоби Муқаддас дошта бошам, то ки дар бораи Исои Масеҳ хонам.

– Чӣ-ӣ-ӣ? Китоби Муқаддас? – Холааш баланд хандид. – Ҳаҳ, ҳаҳ! Ғайр аз Китоби Муқаддас дигар хоҳиш надорӣ?

Ин суханон дили писарбачаро ранҷонданд ва ӯ дигар ин хоҳишашро такрор накард.

Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд. Як рӯз дар зинапоя овози қадамзанӣ шунида шуд – касе саросема ба боло мебаромад.

– Том, Том! – овози кӯдакона баромад.

Дарвоза кушода шуд. Ҷек, дӯсти ягонааш, ба ҳуҷра даромада, назди ҷойгаҳи Том нишаст. Баъд як нафаси чуқур кашида, ба гап даромад:

– Том, ман имрӯз туро охирин бор хабар мегирам. Мо Лондонро тарк карда ба Англияи ҷанубӣ меравем. Дар он ҷо ман дар меҳмонхона кор мекунам. Том, зиқ нашав! Ман барои ту як чиз овардам.

Ӯ кисаашро кофта, як чизи дар коғази ҷигарӣ печонидаро баровард.

Том онро кушода дид, ки дар он як танга аст.

– Том, бо ин пул ту чӣ харидан мехоҳӣ? – гуфт Ҷек. – Ё ман ба ту чизе харам? Ягон хоҳиш дорӣ?

– Ҳа, Ҷек, ба ман Китоби Муқаддас бихар!

– Китоби Муқаддас? Магар ту ақлу ҳушатро гум кардаӣ? Чаро ту фикр мекунӣ, ки ман ин пулро барои чунин чизи бефоида ҷамъ кардаам?

Том ба дӯсташ бо чашмони ҷиддӣ, илтимоскунанда нигоҳ кард.

– Ҷек, ту аз ин ҷо меравӣ ва ман дигар ҳеҷ кас надорам, ки ба хабаргирии ман ояд. Бин, ман ҳама вақт танҳо ҳастам. Ман мехоҳам фаҳмам, ки ин Исои Масеҳ кист. Охир, ту орзуямро пурсидӣ, ҳамин тавр не?

– Аслан ман бояд ин орзуятро иҷро накунам, чунки агар ту ба ягон фалокат дучор шавӣ, ман ҷавобгар будан намехоҳам. Лекин афсӯс, ки ин орзуи охирини туст ва ман онро иҷро мекунам.

Ҷек хайру хуш карда, рафт.

Дере нагузашта, ӯ баргашт.

– Ана, китобатро гир! Фурӯшанда танҳо як китоби чангзада доштаасту халос.

Ҷек аз пушти худ дарро пӯшид, Том бошад ба хондан сар кард. Албатта, ӯ на ҳамаашро фаҳмид. Лекин ӯ номи Исоро ёфт. Ӯ аз ин хеле хурсанд шуд. Ӯ китобро чунон бо кӯшиши зиёд меомӯхт, ки ба зудӣ бисёр чизҳоро аз Китоби Муқаддас мефаҳмидагӣ шуд. Ӯ на танҳо бисёр чизҳоро меомӯхт, балки ҳамчунин ба он чи Навиштаи Муқаддас ба ӯ мегуфт, бовар мекард. Том ҳар чиро, ки фаҳмидан мехост, аз китоб мехонд ва фаҳмида, аз дилу ҷон шод мешуд.

– Чӣ кор кунам, ки чизи ёдгирифтаамро ба дигарон нақл кунам? – худ ба худ савол медод Том. Ӯ медонист, ки Исо аз ӯ ҳаминро интизор аст. Лекин Том аз хона баромада наметавонад, ва ғайр аз холааш каси дигареро намебинад!

– Худоҷон, – дуо кард ӯ, – ба ман нишон деҳ чӣ кор кунам!

Ва Худо ба ӯ нишон дод. Том тамоми хонаро кофта, каме коғазпора ёфт. Ҳамин тавр ӯ дар ҷойгаҳаш нишаста, ба порчаҳои коғаз оятҳоро менавишт. Баъд ӯ онҳоро қат карда, дар рӯяшон "барои роҳгузарҳо" навишт. Хуб буд, ки тирезаашон сӯрохӣ дошт. Ӯ аз он сӯрохӣ мактубчаҳояшро мегузаронд. Мактубчаҳо оҳиста-оҳиста ба рӯи кӯча меафтиданд. Бисёрии онҳо дар назди одамон меафтиданд. Ӯ аллакай чӣ қадар мактубчаҳои бисёре навишт! Ӯ аз мактубчаҳои навиштааш ҷавобро интизор намешуд.

Рӯзе ӯ фикр кард, ки ин ҳеҷ фоида надорад, мактубчаҳои ӯро ҳеҷ кас намехонад. Онҳоро ҳар рӯз рӯфта мепартоянд. Лекин ӯ мактубча навиштанро бас накард. Ҳатто ӯ барои ин қурбонӣ кард. Ӯ шири худро нанӯшида, ба ҷои он аз холааш коғаз пурсид.

Як рӯз Том дар зинапоя овози мардонаро шунид. Мумкин касе шикоят карда ба назди ӯ омада истода бошад? Касе дарро сахт тақ-тақ кард.

– Марҳамат, дароед, – тарсида гуфт Том. Аз дар як марди тануманд намоён шуд.

– Ту ҳамон Томи хурдакак ҳастӣ, ки доим аз тиреза мактубча мепартояд?

Том чӣ мегуфт? Ӯ иқрор шуд. Лекин он ҷазоеро, ки ӯ интизор буд, надид.

– Ман бояд ба ту изҳори миннатдорӣ намоям, – бо оҳанги меҳрубонона гуфт марди ношинос. – Ба воситаи ту ман роҳро ба сӯи Худо ёфтам!

Том чӣ гуфтанашро намедонист.

Лекин марди ношинос як курсиро гирифта, назди ҷойгаҳи Том нишаст:

– Чанд вақт пеш ман аз назди ин хона мегузаштам. Ман сахт хафа будам. Дар кори савдо ба мушкилиҳо гирифтор шуда будам. Ногаҳон чизе ба кулоҳам афтод. Ман фикр кардам, ки ин пари ягон парранда аст. Ман кулоҳамро аз сарам гирифта дидам, ки дар он ҷо як мактубча аст. Он барои роҳгузарҳо навишта шуда буд. Ман мактубчаро кушода, хондам: *«То вақте ки рӯз аст, Ман бояд аъмоли Фиристодаи Худро ба ҷо оварам; шаб ки ояд, ҳеҷ кас наметавонад коре бикунад».* Ман сахт монда шуда будам, аз ин сабаб аҳамият надода, мактубчаро ба кисаам андохтам. Лекин вақте ки ман дар қатора нишастам, ин оят зуд-зуд ба ёдам меомад, ва ман онро чанд бор хондам. Он ба ман таъсир расонд. Дар охир дигар тоқат карда натавонистам ва диламро ба Исои Масеҳ супурдам. Ва ман ҳозир омадам, то ки ту бо ман дуо кунӣ.

Он мард бо Том якҷоя дуо кард. Пеш аз рафтанаш ӯ ба Том гуфт:

– Том, ту ба ман ёрӣ додӣ! Акнун ман ба ту мехоҳам ёрӣ расонам. Оё ту ба ягон хонаи зебо рафтан намехоҳӣ? Дар он ҷо дӯстони бисёр, хӯроки бомаза ва табобат мегирӣ.

Том фикр кард. Ин хуб мебуд, лекин ӯ аниқ медонист, ки чӣ ҷавоб диҳад:

– Раҳмати калон! Лекин ман мехоҳам бисёртар дар ин ҷо бошам. Агар ман ба он ҷо равам, дигар наметавонам аз тиреза мактубча партоям. Ва духтур гуфта буд, ки ман ин зимистон дигар зинда намемонам. Ба қарибӣ ман дар назди Исои Масеҳ мешавам.

– Хайр майлаш, лекин ман супориш медиҳам, ки ҳар рӯз туро як кас хабар гираду ба ту шир биёрад. Том, ту боз ягон орзу дорӣ?

– Ҳа, оё хабаргиранда коғаз оварда метавонад?

Мард хурсандона ба хона баргашт. Ӯ деҳқони серзамин буд ва аз он рӯз сар карда дар хонаи калонтаринаш ҳар ҳафта ҷамоат баргузор мегашт.

Зимистон шуд, дигар аз тиреза мактубчаҳо намеафтиданд. Том ба назди Исои Масеҳ рафт. Ӯ ганҷи калоне ба мерос монд: Китоби Муқаддас. Китоби Муқаддас ба дасти писари марди ношинос расид. Ӯ ба воситаи он масеҳӣ шуд. Ҳоло ӯ ҳамчун миссионер дар Африқо кор мекунад ва ба африқоиён дар бораи Исои Масеҳ башорат медиҳад.

Ҳамин тавр кори Том самари калон овард. Мо ки сиҳат ҳастем, магар барои Исои Масеҳ хизмат кардани мо осонтар нест?

## *7. Наҷотдиҳанда*

Рауф ва Юнус ҳамсинф буданд. Юнус, писарбачаи лоғар, хеле чаққон ва доно буд. Ӯ шӯхӣ карданро дӯст медошт. Ба ӯ муаллимонро азоб додан ва одамонро ғам додан маъқул буд. Рауф бошад баръакси ӯ буд. Ӯ ин хел чаққон набуд. Ӯ калонҷуссаву фарбеҳ ва оҳистакор буд. Бисёр вақт ӯ дар синф талабаи бадтарин буд. Ба ӯ лозим меомад, ки ҳамеша ба шӯхиҳои Юнус тоқат кунад. Агар Рауф ягон вазифаро аз Юнус кӯчонданӣ мешуд, Юнус ба ӯ ҷавобҳои

нодурустро медод ва баъд ба аҳволи ӯ механдид. Лекин ғайр аз инҳо талабагони дигар низ буданд, ба мисли Зоир, Толиб, Мурод ва дигарон. Дар синф муносибати онҳо байни ҳамдигар хеле нағз буд. Дар мактаб қариб ҳамеша ягон чизи шавқовар ба амал меомад. Барои ин на танҳо муаллимон, балки Юнус низ ёрӣ медод.

Рӯзе вай як шӯхии зӯр фикр карда баромад. Ин шӯхӣ бо ғижаки мактаб буд. Соли гузашта як меҳмони сарватманд онро ба мактаб тӯҳфа карда буд. Муаллимон онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекарданд. Онро доим бо эҳтиёт тоза мекарданд.

Вақти мусобиқа фаро расид. Дар байни синфҳои 8 ва 9 вақти мусобиқаи шӯхиҳо буд. Лекин чӣ хел? Нӯги остинҳои костюми муаллимонро маҳкам дӯзанд? Ба тухмҳои холӣ об пур кунанд? Ин шӯхиҳо аллакай кӯҳна шуда буданд. Юнус имсол хост бо милиса шӯхӣ кунад. Лекин чӣ тавр, инро ҳоло намедонист. Зоир, ки бо ӯ буд, ягон маслиҳат дода наметавонист. Юнус ваъда дод, ки худаш илоҷашро меёбад. Дар танаффуси калон ӯ ногоҳ ғайб зад. Дар наздикиҳои мактаб ӯ як милисахонаро медонист. Ӯ дари милисахонаро тақ-тақ кард. Милиса ки дар пушти миз нишаста ба коре банд буд, тақ-тақи дарро шунида гуфт:

– Марҳамат, дароед!

Юнус ба дарун даромад.

Милиса бо нигоҳи саволомез пурсид:

– Ҳа, писарам, чӣ шуд?

Юнус ба замин нигоҳ карда гуфт:

– Акаи милиса, аз директори мактаб ба шумо салом. Шумо бояд ба мактаб биёед. Ғижаки навро имшаб duздидаанд.

– Чӣ? Ғижакро? Ман ҳозир меоям!

То занги даромад Юнус давида, ба мактаб расид. Дарси дигар мусиқӣ буд.

Аз дари синфхона овози тақ-тақ шунида шуд. Муаллимро ба берун ҷеғ заданд. Ӯ дар берун хеле вақт истод. Ногаҳон директори мактаб ба синфхона даромада, бо оҳанги ҷиддӣ гуфт:

– Юнус, ба берун баро!

Юнус ба ҳамсинфонаш чашмакӣ зад, ва ҳама фаҳмиданд, ки чӣ шудааст. Ӯ худро нороҳат ҳис кард. Дар долони мактаб ғайр аз милисае ки хабари дурӯғро шунида омада буд, боз як милисаи ношинос, раиси маҳалла ва ду муаллими дигар ҷамъ шуда буданд. Милиса аз қаҳр суп-сурх шуда буд.

Раиси маҳалла баъд аз каме ором шудан гуфт:

– Юнус, ту медонӣ, ки мо вақти зиёд надорем. Агар шумо шӯхӣ кардан мехоҳед, кардан гиред, мо ҳам хурд будем, шӯхӣ мекардем, аммо илтимос, моро ба шӯхиҳоятон ҳамроҳ накунед.

Як муаллими ҷавон рӯяшро ба дигар тараф гардонд. Маълум буд, ки вай пинҳонӣ механдад.

Гарчанде ки чашмони милиса бо ғазаб ба ӯ нигоҳ мекарданд, аз ин суханон Юнус каме далертар шуд. Ӯ кӯшиш мекард, ки торсакӣ нахӯрад ва ҳамин тавр ҳам шуд, ӯро бо суханони ҷиддӣ ба синфхона равон карданд. Дар синфхона ҳамсинфонаш албатта ӯро таъриф карданд.

Аз ин рафтори вай танҳо Рауф хурсанд набуд. Ӯ медонист, ки ин шӯхӣ ба воқеаи

дирӯза вобастагӣ дорад ва аз ин сабаб ӯ ғамгин шуд. Пештар ин гуна шӯхиҳо ба ӯ низ маъқул буданд, аммо аз рӯзе ки ӯ Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард, ӯ ба ин чизҳо аҳамият медод. Ӯ медонист, ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд, лекин мо бояд дар назди Ӯ ба ҳама гуноҳҳои худ иқрор шавем, то Ӯ фаҳмад, ки мо тавба кардаем. Мо метавонем ба воситаи дуо ба гуноҳҳои худ иқрор шавем. Мо метавонем бо ягон кас якҷоя ё танҳо дуо кунем. Рауф танҳо дуо кард.

Рауф як бародар дошт, номи бародараш Аҳмад буд. Ӯ ҳар шаб бо бародараш якҷоя дуо мекард. Аммо ин шаб ӯ ба бародараш гуфт:

– Аҳмад, биё имрӯз якҷоя не, ҳар кас барои худаш дуо кунад.

Рауф дар назди ҷогаҳаш сарашро хам карда, ба Худо ҳамаи гуноҳҳои худро гуфт. Ба ёди ӯ омад, ки солҳо пеш себҳои пӯсидаро ба сатилҳо мепартофт, дар пушти хона сигор мекашид, ва ҷӯгиҳои аз деҳааш мегузаштаро масхара мекард. Дар вақти дуо дигар хатоҳои кардааш низ ба ёдаш омад. Беҳурматӣ нисбат ба волидонаш ва ба холааш Раъно. Гуноҳҳои зиёде ҷамъ шуда буданд ва Рауф зиқ шуд. Лекин далерона тоқат карда, ҳамаашро ба Исои Масеҳ гуфт. Вақте ки ба таги кӯрпа даромад дилаш сабук шуд ва ӯ фаҳмид, ки Худо ӯро бахшидааст. Ӯ ба Худо раҳмат гуфт, ки Ӯ дуояшро шунида, ӯро аз гуноҳҳо пок намуд. Ҳа, ӯ худро покшуда ҳис кард.

Рӯзи дигар ӯ ба мисли аз нав таваллудшуда аз ҷой хест. Ӯ худро хушбахт ҳис кард. Ҳатто

дар мактаб бе мушкилӣ ба дарсҳо ҷавоб гуфт. Ва ҳатто Юнус инро фаҳмид. Лекин ӯ Рауфро ғам дод. Рауф каме фарбеҳ ва қадаш паст буд, аз ин сабаб дар варзиш кам муваффақ мегашт. Дар дарсҳои варзиш онҳо бисёр вақт ҷанҷол мекарданд. Рауф боқувваттар буд ва бо мушт хеле нағз зада метавонист. Лекин барои задан кӯшиш намекард, аслан ӯ меҳрубон буд.

Аз рӯзе ки ӯ Исои Масеҳро қабул кард, ба масхарабозиҳои Юнус тамоман аҳамият намедод. Ин масхарабозиҳо дигар ба ӯ таъсир намекарданд ва ӯ бо хурсандӣ фаҳмид, ки дигар аз Юнус хафа нест.

Ҳангоме ки ӯ дар бораи шӯхиҳои Юнус фикр мекард, ҳамаи ин фикрҳо дар сараш тоб мехӯрданд. Чӣ кор кунад, то Юнус ҳам фаҳмад, ки дурӯғ гуфтан гуноҳ аст? Вақте ӯ инро ба Юнус гуфт, вай ӯро масхара кард.

Рӯзе дар деҳаи онҳо як воқеаи даҳшатнок рӯй дод. Ду талаба барои пинҳонӣ сигор кашидан ба пушти мактаб рафтанд. Бисёр писарбачаҳо вақте ки сигор мекашанд, худро калонсол ҳис мекунанд. Онҳо намедонанд, ки ин беақлӣ асту ба саломатӣ сахт зарар дорад. Танаффус ба охир расид ва онҳо сигори сӯхтистодаро ба як тараф ҳаво додa, ба синф даромаданд. Онҳо набояд зуд ба синф медаромаданд, балки аввал аниқ мекарданд, ки сигори сӯхтаистода пурра хомӯш шудааст ё не. Яке аз сигорҳо баъд аз партофтан хомӯш нашуда, ба чӯб часпида оташ гирифт ва оташ оҳиста-оҳиста калон шуд. Пас аз чанд дақиқа оташ тамоми захираи ангишт ва чӯбро сӯхта нобуд кард.

Баъд аз ин оташ ба тарафи бинои мактаб, ки яке аз қадимтарин бинои мактаб дар деҳа буда, саропо аз чӯб сохта шуда, бо кандакориҳои зебо зинат дода шуда буд, паҳн шуд. Чӯбҳои кӯҳнаву қадима барои оташ хӯроки хуб буданд. Пас аз чанд дақиқа тамоми мактаб оташ гирифт. Дар ошёнаи якум аввалин шуда кӯдакон фаҳмиданд, муаллимон саросема ба синфҳо даромада ҳамаро огоҳ карданд. Шахсони дар ошёнаи дуюм бударо хатари ҷиддӣ таҳдид мекард, чунки оташ аллакай дар зинапоя аланга мезад. Талабаҳо саросема баромада ба ҳар тараф паҳн мешуданд. Кӯдакон дод зада гиря мекарданд. Муаллимон кӯшиш мекарданд, ки онҳоро ором кунанд. Як муаллимаи ҷавон талабагони синфи якро қатор карда, гуфт:

– Аз дасти ҳамдигар дошта, мо ҳозир якҷоя аз зинаҳо мефароем, дасти якдигарро сар надиҳед.

Оташ дар тамоми бино паҳн мешуд. Талабагон "очаҷон" гӯён фиғон мебардоштанд. Муаллимон талабагони худро намеёфтанд. Касе оташхомӯшкунандагонро ҷеғ мезад. Вале гурӯҳи оташхомӯшкунандагонро ҷамъ кардан кори осон набуд. Чунки тирамоҳ, вақти ҳосилҷамъкунӣ буд. Бисёре аз деҳқонон, ки аъзои оташхомӯшкунандагон буданд, дар саҳро кор мекарданд. То ҳамаи оташхомӯшкунандагонро ҷамъ карданд, ки вақти зиёде гузашт.

Муаллимон ва якчанд деҳқонон далерона ба даруни мактаби сӯхтаистода даромаданд. Онҳо худро бо латтаҳои тар печонда, ба даруни

синфҳо даромада, талабагонро мекофтанд. Ҳеҷ кас намедонист, ки оё ҳама наҷот ёфтанд ё не? Оё ягон кас дар мактаб монд? Сарвари мактаб ҳама талабаҳоро синф ба синф қатор кард. Ҳама буданд. Танҳо як кас набуд: Юнус. Вай дар куҷо бошад? Аслан Юнус писари хеле чаққон буд. Мумкин ӯ ба ягон ҷои дигар давида рафта бошад? Ё ин ки ӯ ҳоло дар даруни мактаб аст? Ҳеҷ кас намедонист. Яке аз оташхомӯшкунон хост боз ба мактаб равад. Лекин дигарон намонданд. Зинапоя метавонист ҳамин замон шиканад. Чӣ бояд кард?

Рауф ҳам аз набудани Юнус хабардор шуд. Юнус ҳамсинф ва душмани сахтарини ӯ буд. Ӯ аллакай чанд ҳафта шуда буд, ки барои Юнус дуо мекард. Кошкӣ ӯ медонист, ки Юнус дар куҷост. Юнус Исои Масеҳро ҳоло намешиносад. Оё ӯ дар ҳақиқат то ҳол дар даруни мактаб аст? Ӯ мемурад ва ба биҳишт намерасад! Рауф дигар дар бораи оташи сӯхтаистода фикр намекард. Ӯ танҳо дар бораи Юнус ва Исо фикр мекард, ӯ мехост, ки Исо Юнусро ба биҳишт қабул кунад. Рауф хулосаашро баровард: Ӯ аз дигарон оҳиста ҷудо шуда, дуо кард: *“Исои Масеҳ, ёрдам деҳ!”*

Аз дари пеш ӯ дигар даромада наметавонист, чунки дар он ҷо оташхомӯшкунандагон ҳеҷ касро ба бино наздик шудан намемонданд. Пас бо кадом роҳ даромадан мумкин аст?

Ногаҳон садои баланд шунида шуд. Аз тирезаи ошёнаи дуюм рӯи Юнус намоён шуд,

он пур аз тарс буд.

Аз дурӣ маълум буд, ки мӯйҳояш аллакай сӯхта буданд. Рӯяш аз дуди ғализ сиёҳ гашта буд. Ӯ ин қадар вақт дар куҷо буд? Оё ӯ барои баромадан роҳи дигаре кофта бошад? Мумкин ӯ кӯшиш кардааст, ки аз зинапояи сӯхтаистода гузарад? Ба ӯ кӣ ёрӣ медиҳад? Оташхомӯшкунандагон аз поён матоеро сахт қапиданд. Муаллим нидо кард:

– Юнус, худро ба поён парто!

Лекин Юнус аз нафастангӣ тамоман бемадор шуда буд. Ӯ тез-тез сулфа мекард. Мошини сӯхторхомӯшкунии зинапоядор ҳоло наомада буд. Як деҳқон ба хонааш давида рафт, то ки зинапоя биёрад. Ҳама талабагон якҷоя нидо мекарданд:

– Юнус, худро ба поён парто!

Пас аз чанд дақиқа рӯи Юнус аз тиреза гум шуд. Танҳо дастҳояш маълум буд, ки тирезаро дошта меистоданд. Аз синфхона дуди ғафси сафед мебаромад. Маълум буд, ки пас аз чанд дақиқа ин синфхона ҳам зуд ба коми оташ фурӯ меравад.

Дақиқаҳо ба назар мисли соатҳо менамуданд ва ба асабоният бо шиддат фишор меоварданд.

Ин чист? Аз тирезае ки Юнус намудор шуда буд, тарҳи рӯи дигаре намудор шуд. Ин Рауф буд. Ӯ чӣ хел ба он ҷо баромада бошад? Чанд дақиқа пеш ӯ дар назди дигар талабаҳо буд. Ҳеҷ кас намедонист. Ӯ аз боми ҳоҷатхона гузашта, зинапояи сӯхтаистодаро тай кард! Ӯ инро чӣ хел карда бошад? Барои дар ин бора фикр

кардан ҳеҷ кас вақт надошт. Лекин дар назди
Юнус ҳақиқатан ӯ меистод! Онҳо диданд, ки ӯ чӣ тавр Юнусро аз тиреза бардошта, ба поён партофт. Оташхомӯшкунандагон матоъро сахт қапиданд ва Юнус ба даруни он афтид. Ӯ беҳуш буд. Акнун сарвари мактаб нидо кард: “Рауф, ту ҳам ба поён пар!”

Рауф кӯшиш кард. Лекин қувваташ нарасид. Ӯ хост, вале ба ақиб афтид. Ба ақиб, ба коми оташ. Ба ақиб, ба синфи сӯхтаистода.

Пас аз се рӯз дар кӯчаҳои деҳа издиҳоми одамон дида мешуд. Онҳо тобут бардошта мебурданд. Дар даруни тобут ҷасади Рауф буд. Пеш-пеши тобут талабагони мактаб мерафтанд. Аз ҳама пеш Юнус мерафт. Аз чашмонаш ашк мерехт. Аз чашмони ҳама низ ашк ҷорӣ мешуд. То ҳол ягон мурда ба дили онҳо ин қадар таъсир накарда буд. Вақте ки ӯро гӯр карданд, Юнус фикр кард: *“Аслан бояд ба Рауф ҳасад барем. Ӯ боварӣ дошт, ки рӯзе ба биҳишт меравад. Ӯ ба Исои Масеҳ дуо мекард. Ӯ назар ба мо дигар хел буд. Албатта, ӯ ба биҳишт меравад. Лекин ман чӣ? Агар ман дар оташ месӯхтам? Вақте ки ӯ дуо мекард, ман ҳамеша масхара мекардам. Ман Худоро масхара мекардам. Агар ман дар оташ месӯхтам, бо ман чӣ мешуд?”* Юнус чашмонашро пӯшид. Лабҳои ӯ меҷунбиданд.

Ӯ аз таҳти дил дуо кард: *“Исои Масеҳ. Ман ҳам мисли Рауф шудан мехоҳам. Ман ҳам як бор ин хел мурдан мехоҳам. Рауф наҷотдиҳандаи ман буд. Ӯ барои ман мурд. Ба ман ёрӣ деҳ, ки мисли Рауф шавам”.*

Юнус ягона писаре набуд, ки он рӯз дар дилаш чунин қарор кард. Дигар кӯдакон низ чунин карданд. Баъд аз чанд ҳафта онҳо бисёртар шуданд. Ҳа, он қадар зиёд, ки ҳар ҳафта ҷамъ омада, Китоби Муқаддас мехонданд. Марги Рауф ба Исои Масеҳ самар овард. Ҳама фаромӯш карданд, ки ӯ дар дарс беҳтарин набуд. Дар бораи фарбеҳии ӯ низ дигар гап намерафт. Онҳо дар дили худ расми дигари Рауфро доштанд, расми зеботарро: сурати писаре ки дар назди Исои Масеҳ аст, чунки ӯ ба Исои Масеҳ имон дошт.

## *8. Киштирони дуруст*

Тӯб бо суръати тез рост рафта, ба дарвозаи ҳарифон даромад. Андрей ва Саша аз ин голи навбатӣ хурсанд шуда, ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд. Бозӣ 3:1 ба фоидаи гурӯҳи онҳо буд! Онҳо якдилона ғолиб омаданд. Хурсандии онҳо ҳадду ҳудуд надошт. Аммо аз дигар тараф онҳо ғамгин буданд. Зеро ин охирин бозии онҳо дар вақти талабагӣ буд. Пас аз чанд рӯз таҳсил ба анҷом мерасиду зиндагии дигар оғоз меёфт.

Дастҳо дар киса, пойафзоли варзишӣ дар дасташон онҳо пас аз ним соат роҳи назди баҳрро тай намуданд. Онҳо ҳуштаккашон роҳ мерафтанд.

Ногоҳ Андрей аз ҳуштаккашӣ бозистод. Ӯ каме фикр кард. Баъд ба тарафи дӯсташ баргашта гуфт:

– Саша, шубон рӯзи якшанбе дар вақти имтиҳон хеле меҳрубон буд!

Саша худро доно вонамуд карда, гуфт:

– Ман аз ӯ чизи дигаре интизор набудам! Ӯ фақат дар бораи меҳрубонӣ мавъиза мекунад, ӯ бояд намуна бошад. Ман шод ҳастам, ки ин имтиҳон гузашт. Он тамоман шавқовар набуд.

– Ман ин хел фикр намекунам! – Андрей хост гапашро давом диҳад, аммо Саша гапашро бурид.

– Агар ӯ маро мепурсид, ки дар футболбозӣ кӣ ғолиб омад, ман аниқ ба ӯ нақл мекардам. Хайрият, дар пуштам Володя нишаста буду ба ман ёрӣ дод. Агар ӯ намебуд, ман аз шубон боз як мавъизаи дигар мешунидам.

– Албатта, ҳамаи онро аз ёд кардан он қадар шавқовар нест, – Андрей ба фикри ӯ розӣ шуд. – Лекин дар он дарсҳо иштирок кардан ба ман маъқул аст. Медонӣ, ман бисёрии чизҳоеро ки шубон мегуфт, аллакай медонистам. Чунки онро модарам ба ман нақл мекард. Модарам ба ман гуфт, ки ӯ аллакай аз хурдӣ ба Исои Масеҳ бовар мекард. Ман ҳам мехостам чунин бошам.

– Оҳ, оҳ, ман чӣ хел дӯсти диндор дорам! – Саша бо пояш сангчаеро зад. Ин масхараи ӯ он қадар хандаовар набуд.

Пас аз чанд дақиқа Андрей гуфт:

– Биё ба назди киштии калоне ки пагоҳ ба сафар мебароянд, меравем. Ман онро дидан мехоҳам.

Саша ба ин фикр розӣ шуд: *“Албатта, онро дидан лозим. Ман шунидам, ки он киштӣ хеле аҷоиб аст. Мегӯянд, ки он аз юнониҳо аст”.*

Онҳо ба бандари киштиҳо наздик шуданд. Онҳо эҳтиёткорона роҳ мерафтанд. Кранҳо аз

болои сари онҳо қуттиҳои калони оҳанинро бардошта ба киштӣ бор мекарданд. Вақти корӣ
қариб ба поён мерасид. Ё ки онҳо бисёртар кор мекарда бошанд? Ҳоло онҳоро корҳои зиёде интизор буданд.

– Биё, ба болои он деворча мешинем, пойҳоям аз гаштан дардманд шуданд. Ваҳ, чӣ хел киштии калон. Тасаввур кун, агар ман дар ҳамин киштии калон капитан мебудам! Ба ёдат ҳаст, ки шубон зиндагии моро чӣ гуна ба киштӣ монанд карда буд?

Саша ҷавоб надод. Ӯ ба як нуқта нигоҳ карда, бо пояш сангчаҳоро ба об мепартофт.

– Як бор ба он киштии нав нигар, дар ёд дорӣ шубон чӣ хел дар бораи он гап зада буд?

– Шумо ҳам ба мисли киштии нав ҳастед, – гуфта буд шубон, – ба қарибӣ шумо низ аз бандари худ баромада, ба баҳри калону хатарнок меравед...

Андрей суханонашро давом дод:

– Вақте ки ӯ ин суханонро гуфта буд, ман зӯракӣ хандида будам, лекин ҳар гоҳ ба баҳр менигарам, ин суханон ба ёдам меоянд.

Ин дарсро Саша ҳам нағз дар хотир дошт. Шубон боз гуфта буд:

–Баъд рӯзҳои дилгиркунанда меояд, чунон ки дар уқёнус бошӣ ва дар уфуқ замин намудор набошад. Тӯфонҳое мешаванд, ки киштиҳои калонтарин низ аз онҳо ба хатар меафтанд. Дар киштӣ асбобу анҷомҳои дуруст хеле муҳиманд, аммо бе киштирони хуб онҳо бефоидаанд. Вақте фикр мекунам, ки баҳр чӣ қадар боқувват аст, ман метарсам. Чӣ қадар киштиҳоро баҳр ба

коми худ фурӯ бурдааст ва мебарад.

– Ман то ҳол дар ёд дорам, – гуфт Андрей, – чӣ тавр вай мӯйи хокистаррангашро бо даст як тараф карда, гуфт: *«Бачаҳо, муҳим он аст, ки Исои Масеҳ киштирони шумо шавад. Харитаи киштии ӯ дар Китоби Муқаддас аниқ аст. Дар рӯзҳои тӯфонӣ танҳо Ӯ киштии моро наҷот дода метавонад. Ҳами онҳое ки рулашонро ба дасти Исои Масеҳ додаанд, то ҳоло ғарқ нашудаанд»*.

Саша чунин вонамуд кард, ки гӯё ҳамаи ин ба ӯ дахле надорад.

– Саша, медонӣ чӣ, ман бояд доим дар ин бора фикр кунам. Мумкин ту аз гапҳои ман механдӣ: ман ба ҷамоат на аз барои дигаронро дидан ё ин ки маҷбурӣ меравам, балки барои аз дилу ҷон дуо кардан ба он ҷо меравам.

Рӯз аллакай торик мешуд. Дар кӯчаҳо чароғҳо фурӯзон шуданд. Коргарон пароканда шуда, оҳиста-оҳиста ба сӯи хонаҳояшон мерафтанд.

Саша хомӯш буд.

– Ман ҳозир бояд ба хона равам, – бахшиш пурсида гуфт ӯ.

Пас аз чанде онҳо ба сӯи хонаҳояшон раҳсипор шуданд. Онҳо дар чорраҳае ки онҳоро аз ҳам ҷудо мекард, истода бо дастафшонӣ хайрухуш намуданд. Ҳеҷ кадоми онҳо гап намезад. Лекин Худо ба дили онҳо гап заданро сар кард ва имшаб ҳам Ӯ гап мезанад.

## *9. Чӯпони меҳрубон*

– Пагоҳ ҳаво нағз мешавад, – худ ба худ фикр

кард чӯпони пиронсол, бобои Рустам. Ӯ чӯбро ба даст гирифта, борониашро ба китфаш партофта, баъд ба тарафи сагҳояш ҳуштак кашид. Сагҳояш Полвон ва Ҷулбарс аз донотарин навъи сагҳо буданд. Ӯ ба ин сагҳо хеле боварӣ дошт. Онҳо ба овози ҳуштак гӯш мекарданд ва ба ин восита ӯ 453 барраро бонӣ мекард. Ӯ пешопеши рама ба сӯи фурудгоҳ мерафт. Дар замони ҳозира чӯпон будан кори осон набуд. Аз ҳама ҷои душвор назди фурудгоҳ буд, ки аз он ҳар рӯз ҳавопаймоҳои зиёде парвоз мекарданд. Пештар, вақте ки паррандаҳои оҳанин аз болои барраҳо парвоз мекарданд, онҳо сахт метарсиданд, лекин оҳиста-оҳиста онҳо ба ин одат карданд.

Лекин чӯпон ғамҳои дигар дошт. Ҳар рӯз Расул ва Далер барои аз роҳ гузаронидани рама ёрӣ медоданд. Лекин имрӯз онҳо аз тарафи мактаб ба саёҳат рафтанд. Имрӯз ёрдамчиҳои ӯ танҳо сагҳо буданд. Полвон ва Ҷулбарс гирдогирди рама чарх зада, онҳоро посбонӣ мекарданд, то ки онҳо ҷудо нашаванд. Онҳо дар назди роҳ истода, ишорати чӯпонро интизор буданд. Ӯ як дақиқа истод, боз як дақиқаи дигар, лекин роҳ доим аз мошин пур буд. Чӯпон ногаҳон дасташро бардошта, тез-тез рамаро ба дигар тарафи роҳ ҳай кард. Гӯсфандони рама мехостанд, ки алафҳои назди роҳро чаранд, аммо сагҳо ба ин роҳ намедоданд. Онҳо бо чашмони айёрона рамаро бо диққат нигоҳ мекарданд. Аз думҷунбониҳояшон маълум буд, ки онҳо кори хеле муҳимро иҷро мекарданд. Сагҳо бо овози баланд аккос мезаданд. Лекин

барраҳо оромона, бе саросемагӣ мегузаштанд. Онҳо ҳар бегоҳ аз ин роҳ мегузаштанд. Мошинҳои омадаистода рамаро дида, дар роҳ меистоданд.

Вақте ки тамоми рама аз роҳ гузашт, бобои Рустам як нафаси чуқур кашид. Ӯ боз як бори дигар ба рама нигоҳ кард. Ногаҳон ӯ Ҷулбарсро дид. Ӯ дар мобайни роҳ истода, аккос мезад. Чаро?

Чӯпон акнун фаҳмид. Дар мобайни роҳ, дар назди сабзаҳо, як барра истода, алаф мехӯрд. Ронандаҳое ки мунтазири гузаштани рама буданд, акнун мошинҳояшонро ба кор андохта, роҳро давом доданд. Онҳо аз байни роҳ бо суръати тез мегузаштанд. Барра аз овози мошинҳо тарсид, лекин чӯпон "меҳ, меҳ" гуфта, ӯро ба сӯи худ даъват кардан хост. Ҷулбарс тарсид аз роҳ гузарад ва ба назди чӯпон рафта, аз домани либосаш кашид. Бобои Рустам ишорати дӯсти безабонашро фаҳмид. Ӯ бо дасташ ба сагҳо ишора кард, то онҳо дар назди рама истанд. Ӯ тез қадам зада, ба тарафи роҳи мошингард рафт. Лаҳзаи мувофиқ ёфта, аз роҳ гузашт. Барра аз тарс ба ҳар тараф ҷастухез мекард. Чӯпон барраро сари китф бардошта, хост ба он сӯи роҳ гузарад. Мошине бо суръати тез ба тарафи онҳо меомад. Чӣ? Ӯ магар чӯпонро надид? Мошин лағжида дар рӯи роҳ истод. Дар пешаш чӯпон бо барра ғелида хоб буданд. Барра ларзида аз ҷой хест. Лекин чӯпон захмдор шуда, аз ҷой ҷунбида наметавонист. Ёрии таъҷилӣ зуд омада расид. Бо он чӯпони аз ҳуш рафтаро ба беморхона

бурданд. Як деҳқонбача бо хоҳиши милиса рамаро ба оғил ҳай карда бурд.

Чӯпони кӯҳансол сахт ярадор шуда буд. Маълум набуд, ки оё вай зинда мемонад ё не. Духтурҳо гуфтанд, ки дасту пой ва якчанд қабурғааш шикастааст.

Ман бо бобои Рустам дар беморхона шинос шудам. Гарчанде ки дардҳояш тоқатфарсо буданд, ӯ доим хурсанд буд. Ҳангоме ки ман ба ҳуҷрааш даромадам, дар болои мизчааш Китоби Муқаддасро дидам. Он кӯҳна ва истифодашуда менамуд. Сабаби хурсандияш Китоби Муқаддас буд. Бисёр вақт ҳамшираи тиббӣ ба ӯ аз ин китоб ҳикояҳо мехонд.

Ӯ ба ман дар бораи зиндагияш нақл кард, ва ба фалокати ба сараш омада тамоман аҳамият намедод. Ӯ мехост, ки боз ба назди рамааш баргардад.

– Лекин агар шумо...? – ман давомашро напурсидам.

Рӯи вай дурахшид: *“Баъд ман дар хонаи абадӣ мебудам”*. Вай бисёр гап назад.

Баъд аз чанд ҳафта ӯ боз ба назди рамааш баргашт. Ман як рӯз ба хабаргирии ӯ рафтам. Вақте ки ӯ маро дид, хеле шод шуд. Мо бо ҳамдигар хеле сӯҳбат кардем.

Дар охир ӯ гуфт:

– Дидед, ман ба мисли Исои Масеҳ тавонистам ҷони худро ба гӯсфандам бахшам ва инро ҳатман мекардам. Лекин Исои Масеҳ ҷонашро барои ҳамаи одамон, барои сиёҳпӯстон ва сафедпӯстон, сурхпӯстон ва зардпӯстон, калону хурд, донову нодон, пиру ҷавон, барои ҳамаи онҳое ки дар ин дунё Ӯро қабул кардаанд

ва фармудаҳои Ӯро риоя мекунанд, бахшид. Инро ман ба ҳамаи бемороне ки дар беморхона буданд, гуфтам, шояд ягон нафари онҳо инро фаҳмида, Исои Масеҳро қабул кунад.

## *10. Чӣ тавр ин хел беақл шудан мумкин аст*

200 километр шимолтар аз Лондон Дербӣ ном шаҳре ҳаст. Дар он ҷо одамон ба варзиш шавқи зиёд доранд. Аз ҳама варзиши машҳур ва писандидаи онҳо асптозӣ мебошад. Дар он ҷо асптозӣ чунон машҳур аст, ки дар Олмон асптозиро Дербӣ мегӯянд. Рӯзе амакам ба ман чунин Дербиро нишон дод. Лекин дар он на аспҳо, балки сагҳо медавиданд.

Ман дар умрам ягон бор чунин мусобиқаро надида будам. Ин мусобиқа дар толори калоне барпо шуд. Садҳо нафар тамошобинон ҷамъ омада буданд. Толорро ба чор қисм ҷудо карданд. Дар мобайни ин қисмҳо бо ранг хати дароз кашиданд. Дар аввали ҳар хат як қафас монданд. Дар як кунҷи толор барои сагон гарав бастан мумкин буд, яъне ба рақами саги дар қафас буда пул ба гарав мондан мумкин буд. Агар он саг ғолиб ояд, шахсе ки пул ба гарав мондааст, аз он ду ё се карат зиёдтар мегирад. Бо он пуле ки дар он ҷо монда мешуд, мо дар хона чанд ҳафта зиндагӣ карда метавонистем.

Пеш аз оғози мусобиқа сагҳоро ба тамошобинон нишон медоданд. Ҳамаи онҳо рақам доштанд ва бо даҳонбанд даҳонашон баста шуда буд. Ҳамаи сагҳо калон ва хароб буданд. Ман дидам,

ки чӣ хел ҳамсояамон ба сагҳо бо диққат нигоҳ мекард ва баъд ба кунҷи толор, ки дар он пул ба гарав мемонданд, рафт. Баъд аз он ки тамошобинон сагҳоро диданд, духтури ҳайвонот омада, онҳоро аз муоина гузаронд.

Пас аз он сагҳоро ба қафас даровարданд. Дари қафасҳо автоматӣ буда, ҳамааш якбора кушода мешуданд. Дуртар аз қафасҳо як харгӯши электрикӣ монда буданд. Харгӯш бо як сим ба мотори электрикӣ пайваст карда шуда буд. Аммо сагҳо аз ин бехабар буданд.

Пас аз чанд дақиқа мусобиқа сар шуд. Мотори харгӯши электрикиро ба кор андохтанд. Сагҳо ба ҳамла тайёр шуданд. Акнун дари қафасҳои сагҳо кушода шуд. Сагҳо бо суръати тез аз пушти харгӯши сунъӣ медавиданд. Ҳар яки онҳо мехост харгӯшро дошта гирад. Лекин ҳар қадар сагҳо наздиктар меомаданд, суръати харгӯш ҳамон қадар тезтар мешуд. Сагҳо аккос мезаданд. Маълум буд, ки онҳо сахт кӯшиш мекунанд. Пашмашон аз арақ тар шуд. Лекин онҳо бояд аввал хати давиши худро тамом мекарданд. Охири мусобиқа наздик омад. Харгӯш суръаташро суст кард. Сагҳо бар ба бар истода медавиданд. Суръати давиши кадом саге ки зиёд бошад, ҳамон ғолиб ҳисобида мешуд. Лекин ин барои сагҳо аҳамият надошт. Онҳо танҳо харгӯшро доштан мехостанд. Сагҳо чоркаса барои он меҷангиданд. Оё онҳо намефаҳмида бошанд, ки онҳоро фиреб медиҳанд? Ин бозӣ ҳар бегоҳ чандин бор барпо мешуд. Доим сагҳои нав аз пушти харгӯши сунъӣ медавиданд, доим

гарави нав ба нав гузошта мешуд.

Ман фикр кардам, ки чаро сагҳо ин қадар беақл ҳастанд! Аввал онҳо бо давидан қариб худро мекушанд, лекин дар охир танҳо харгӯши сунъиро ба даст меоранду халос. Ҳатто ақаллан ягон чизи хӯрданӣ, ё ягон устухон ва ба монанди ин чизе ба даст меоварданд, гапи дигар мебуд. Мумкин онҳо дар ҳақиқат ҳам пушаймон буданд. Лекин ҳар бегоҳӣ онҳо ҳамин тавр давр мезананд. Онҳо ҳеҷ чизро намефаҳманд. Онҳо ҳамин тавр тарбия ёфтаанд ва аз аҳсану офарингӯии одамон шод мегарданд.

Агар мо дурусттар фикр кунем, на танҳо сагҳо, балки одамони нодон низ ҳастанд. Онҳо ҳам аз пушти чизи ба ҳамин монанд давутоз мекунанд, ва дар охир маълум мегардад, ки ин танҳо як чизи беҳуда аст. Чунки шайтон низ ба мисли тарбиядиҳандаи сагҳо амал мекунад.

Дар кӯдакиямон мо себдуздиро бисёр дӯст медоштем. Ин каме баъдтар аз ҷанг буд. Он вақтҳо боғҳоро нағз посбонӣ мекарданд. Пеш аз себдуздӣ мо дар ғорамон вақти зиёде нишаста, маслиҳат мекардем, ки ин нақшаро чӣ гуна амалӣ намоем. Ҳар гуна нақшаҳо тартиб медодем. Мо худро ба мисли ҷинояткорон ҳис мекардем. Назар ба шӯхиҳои пештараи кӯдакиамон ин тамоман дигар хел буд. Мо аз гуруснагӣ ин корро намекардем. Мо танҳо воқеаи ғайриоддӣ мехостем. Шабҳо аҷоиб буданд, вақте ки мо аз тавора гузашта, дарахтонро бо чӯб мезадем ва себҳои афтидаро чида, ба кисаҳоямон меандохтем. Баъд аз ин ба ғорамон мерафтем. Аввалҳо мо

каме тарс доштем, вале ҳар қадар зиёдтар ин корро кунем, ба мо осонтар меафтид. Дар охир ин ба мо як кори ҳаррӯза шуда монд. Бисёр вақт себҳо хом буданд, аммо агарчи шикамдард шавем ҳам, онҳоро мехӯрдем. Барои мо аз ҳама муҳимтар худи саргузашт буд.

Акнун ман медонам, ки он саргузашт набуд. Он чи мо мекардем, дуздӣ буд, гуноҳ буд. Ин шайтон буд, ки ба мо гап мезад: агар шумо мард бошед, бояд далериятонро исбот кунед. Шумо бояд себ дуздед. Ва мо дуздӣ мекардем. Мо ба гапи шайтон гӯш медодем. Ва худро мисли мард ҳис мекардем. Мо ба мисли сагҳо будем. Мо аз пушти як чиз мерафтем, ки ба мо шавқовар метофт ва мо намефаҳмидем, ки ин нақша кори шайтон аст. Ӯ мехост, ки мо дурӯғ гӯем. Мақсади ӯ дуздӣ кардани мо буд, ва мо ба ӯ гӯш мекардем. Пас аз чанде дуздии моро ошкор карданд. Лекин ман ҳозир медонам, ки Худо инро ҳама вақт медид, ва ин кифоя аст. Барои Ӯ ин гуноҳ аст ва гуноҳ моро аз Худо ҷудо мекунад. Барои ҳамин ҳам саломатии мо баъд аз ин кор нағз набуд.

Лекин чӣ тавр аз ин хел гуноҳ дур шудан мумкин аст? Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр ба назди шахсе ки аз боғи ӯ дуздӣ карда будам, бахшиш пурсидам. Он мард дар аввал сахт хафа шуд, лекин баъд гуфт:

– Ин масъала ҳал шуд. Барои он ки ту омадӣ ва бахшиш пурсидӣ, ман туро мебахшам. Лекин гоҳо имкони бахшиш пурсидан нест. Лекин ман дар Китоби Муқаддас хондам, ки аз ҳар гуноҳ халосӣ ёфтан мумкин аст, агар онро ба

Ҳудо гӯем ва бахшиш пурсем. Ин масъаларо ин тавр ҳал кардан мумкин аст: *“Исои Масеҳ, ман бахшиш мепурсам, ки дурӯғ гуфтам ва дуздӣ кардам. Ман аз ту хоҳиш мекунам, ки маро бубахшӣ”.*

Исои Масеҳ ваъда дод, ки ба чунин дуоҳо гӯш медиҳад. Гуноҳҳои мо ҳамон лаҳза хат зада мешавад. Касе ки як бор тавба кард, дигар себ намедуздад, чунки намехоҳад, ки Исоро ранҷонад.

## *11. Ҳодисаи беҳтарини ҳаёти ман*

– Шералӣ! – Нидо кард Фирдавс, – мо бояд шитоб кунем. Якум автобус аллакай рафт ва соат даҳто кам ҳашт аст!

– Натарс, мо зуд ба он ҷо мерасем, – ӯро ором кард Шералӣ.

Китобҳо дар даст, ҳар ду писарбачаи дувоздаҳсола аз гузаргоҳи мактаб гузаштанд. Мактаббачагоне ки либоси нозири роҳро дар тан доштанд, онҳоро бо фахр аз гузаргоҳ гузаронданд. Шералӣ паст хандида, гуфт:

– Вақте ки ман ҳам якумин бор нозири роҳ шудам, аз фахр ҳамсинфонамонро нашинохтам. Лекин ин охир дорад. Дар зимистон вақте ки пойҳояшон тар мешаванд, синфи гармро орзу мекунанд.

Муаллим Бахтиёров табъи болида дошт:

– Ҳа, мошин наёфтед? – хандид ӯ ва ришашро молиш дод.

Дар синфхона ҳама талабаҳо нишаста буданд, ғайр аз Ҳалим, ки лақабаш “модарча” буд,

чунки ҳар саҳар хоҳарашро ба боғча мебурд.

Садои занг аз роҳрав баланд шунида шуд. Муаллим Салимов дар ин синф дарс дошт. Ӯ аллакай дар назди дар буд. Яку якбора ҳамаи талабаҳо аз ҷояшон хестанд. Ба саломи ӯ бо овози баланд ҷавоб гардонида шуд. Муаллим ҷуссаи варзишгарона дошт. Ӯ тақрибан 30-40 сола буд. Бо хандаи меҳрубононааш ва бо феъли некӯяш ӯ дили талабагонро аз рӯзи якум ба даст овард.

Дарс сар шуд.

– Ман аз順 иншоҳои навиштаи шумо шод шудам, – сар кард ӯ. – Шумо дар бораи чизҳои аҷоиб навиштед. Барои шинос шудан бо талабаҳо ҳар муаллим фикри худро дорад. Фикри ман ин аст: дар мавзӯи «ҳодисаи беҳтарин дар ҳаёти ман» иншо нависед!

Писарон бо шавқ дар ҷояшон менишастанд. Онҳо фикр мекарданд: бо ин сухан муаллим чӣ гуфтан мехоҳад? Оё ин маънои онро дорад, ки... лекин муаллим суханашро давом дод:

– Дар байни шумо варзишгароне ҳастанд, ки ғолиб шуда, гирифтани медалро ҳодисаи беҳтарин меҳисобанд. Лекин нақлҳо аз зиндагии оилавӣ хеле шавқовартар буданд.

Орзу Саъдуллоев, иншоятро мехонӣ? Ту аз ҷанг баргаштани падаратро хеле хуб навиштӣ.

Писарбача каме шарм карда, хест ва бо овози на чандон баланд гуфт:

– Майлаш.

Муаллим ба сардори синф гуфт:

– Илтимос, дафтарҳоро тақсим кун.

– Кӣ аз шумо Фирдавс Довудов аст?

Аз қатори охирин як писар хест.

– Илтимос, пас аз дарс ба назди ман биё.

Шасту чорто чашм ба тарафи Фирдавс дӯхта шуданд. Муаллим аз ӯ чӣ мехоста бошад? Дар рафтори Фирдавс каме дигаргуниҳо аён буд ва инро ҳама ҳис мекарданд. Ӯ ба мисли пештара шӯху беадаб набуд.

Муаллим ба тарафи Маҳмуд ишорат намуд ва ӯ ба хондан оғоз кард.

– Ҳар рӯз радио номҳои аз ҷанг баргаштагонро номбар мекард. Ману бародарам ҳама вақт бо диққат гӯш мекардем, ки оё номи падарамонро ҳам мегирифта бошанд. Як рӯз...

Бо супориши муаллим боз якчанд иншои дигар низ хонда шуд. Бисёрии писарон аз аҳволи якдигар пурсон мешуданд.

Дар вақти танаффус Фирдавс ба дари ҳуҷраи муаллим тақ-тақ зад. Баъд аз садои "дароед"- ро шунидан ӯ ба ҳуҷра даромад. Дили ӯ сахт метапид. Муаллим аз ӯ чӣ мехоста бошад? Бисёр вақт ин нишонаи хуб набуд.

Муаллим Салимов наҳорӣ хӯрда истода буд. Ӯ ба талаба ишорати нишастан кард.

– Ту чандсола шудӣ? – пурсид ӯ.

– Ман ба қарибӣ сездаҳсола мешавам, – ҳайрон шуда гуфт Фирдавс.

– Ту медонӣ, барои чӣ ман туро ба ин ҷо даъват кардам?

– Не, – чашмони Фирдавс дар ҳуҷра давр заданд. Аммо муаллим гапашро давом дод.

Фирдавс бо диққат гӯш кард.

– Иншои ту ба ман хеле таъсир кард. Ту навиштӣ, ки ҳодисаи беҳтарин дар ҳаёти ту вохӯрӣ бо Исои Масеҳ буд. Ман аз иншоят фаҳмидам, ки ту бо шодӣ инро навиштӣ. Дар синну соли ту на ҳама писарон инро озодона нақл мекунанд. Ин кай рӯй дод?

– Як моҳ пеш дар лагери масеҳӣ, – ҷавоб дод Фирдавс.

– Ман аз далерият хеле хурсанд шудам. Магар ту аз чӣ тавр инро қабул кардани ман натарсидӣ?

– Ҳа, каме, лекин мавзӯъ ин буд ва ман ҳақиқатро навиштам, – иқрор шуд Фирдавс.

– Ин хуб аст. Иншоят хеле шавқовар буд. Ман медонам, ки ту худро чӣ хел ҳис кардӣ, чунки ман инро худам дар понздаҳсолагиям аз сар гузаронидам. Ман дар аввал тарс ва баъд шодиро эҳсос намудам. Мо медонем, ки аз они Исои Масеҳ ҳастем, чунки ӯ моро дӯст медорад. Ман туро барои ҳамин ҷеғ задам, ки мехостам иншоятро дар синф хонӣ, лекин ман надонистам, ки ту инро мехоҳӣ ё не.

– Албатта, мехоҳам, – гуфт Фирдавс.

Муаллим Салимов ба талабааш бо табассум нигоҳ кард.

– Барои бисёр касоне ки худро масеҳӣ меноманд, ин чиз аниқ нест. Онҳо намедонанд, ки масеҳӣ будан шоҳид будан аст.

Ӯ ба чашми писарак нигоҳ кард ва баъд давом дод:

– Дарси дигар ман аз чанд нафар хоҳиш мекунам, ки иншоҳояшонро хонанд, дар охир аз ту низ. Ман дуо мекунам, ки ту онро бо

хурсандӣ хонда тавонӣ.

Дар долон овози занг баланд шуд. Танаффус тамом шуд.

Ҳоло ягон бор Фирдавс дарси дигарро бо ин хел тапиши дил интизор нашуда буд. Аввалин бор ӯ дар синфаш мегӯяд, ки дар зиндагияш чӣ дигаргун шуд – ва барои чӣ. Дар охири лагер онҳо нақл кардани ҳодисаи лагерро “шаҳодат додан” меномиданд. Ба ӯ ин осон афтид, чунки қариб ҳама як хел ҳодисаро аз сар гузаронда буданд. Лекин ин чизи дигар буд. Дар синфаш ӯ то ҳол ягона буд. Ва ба ӯ маълум буд, ки онҳо ӯро аз як тараф нигоҳ мекунанд, чунки ҳоло намедонистанд, ки бо ӯ чӣ воқеа шуд.

Ин дарс дар аввал мисли ҳамаи дарсҳо буд. Баъд аз ним соат Фирдавс боварӣ дошт, ки муаллим дар бораи иншоҳо фаромӯш кардааст. Лекин ӯ фикрашро тамом накарда овози муаллим шунида шуд:

– То дарси дигар вазифаҳои саҳифаи 13-ро иҷро кунед. Ҳоло бошад мо якчанд иншоҳои дигарро шуниданӣ ҳастем.

Сулаймон, Умед ва Меҳроб аввал иншоҳои худро хонданд. Баъд навбати Фирдавс расид. Зонуҳои ӯ меларзиданд. *“Чуқур нафас каш”*, – ба худ гуфт ӯ. Ӯ ба таги дилаш кӯтоҳ дуо карда, баъд ба хондан оғоз кард:

*Ҳодисаи беҳтарин дар ҳаёти ман*

*Ман аз тарафи як шиносам ба лагери масеҳӣ даъват шудам. Аввал ман аз ин тамоман шод набудам. Дар он вақт иди калони халқӣ буд, ки ман онро кайҳо боз интизор будам. Лекин ман медонистам, ки падару модарам*

*интизор буданд, ки ман меравам. Аз ин сабаб номамро нависондам. Он чи ман аз он метарсидам, рӯй дод. Мо соатҳои дароз Китоби Муқаддасро мехондем. Китоб шавқовар буд, лекин, рости гапро гӯям, бе он ҳам хуб мешуд. Бозиҳо хеле шавқовар буданд, асосан олимпиадае ки муаллими мо тайёр карда буд. Мо хеле кӯшиш кардем. Лекин кори асосӣ бо Китоби Муқаддас буд. Ҳар саҳар ва ҳар бегоҳ китобхонӣ, дар нисфирӯзӣ кор аз рӯи Китоби Муқаддас буд. Аз он ҷудо шудан осон набуд. Акаи Комил метавонист ҳикояҳоро хеле шавқовар нақл кунад. Ман ба зудӣ фаҳмидам, ки агар Исои Масеҳ дар ҳақиқат зинда бошад, ман бояд зиндагиямро дигаргун кунам. Лекин инро ман намехостам.*

*Дар шоми охирини лагер акаи Комил дар бораи сомарии некдил ҳикоя кард. Ӯ чунон нақл кард, ки мо худро дар даруни ҳикоя ҳис кардем. Ба монанди ҳикоя мо ҳам дар назди роҳзанон афтидем. Шайтон ба мо ҳамла карда, ҳамаи он чиро ки аз Худо дар мо буд, аз мо гирифт. Гоҳо ман фикр мекардам, ки акаи Комил дар бораи зиндагии ман медонад, чунки он чи ӯ мегуфт, ба ман сахт таъсир мерасонид. Вақте ки шом ба поён расид ман хеле шод будам. Лекин дар ҷойгаҳам оромӣ намеёфтам. Дар рӯзҳои минбаъда, вақте ки акаи Комил ба ман гуфт, ки Исои Масеҳ захмҳои диламонро сиҳат мекунад, ман хандидам; лекин он бегоҳ ман фаҳмидам, ки дар дили ман ҳам чизе дуруст нест. Ногаҳон ба ман маълум шуд, ки ин гуноҳ аст ва он моро аз Худо дур мекунад. Дар охир*

*ман дигар тоқат накарда, назди дари муаллим рафтам. Ӯ ҳоло бедор буд. Дар он вақт танҳо ман ин фикрро надоштам. Ман дар назди акаи Комил ҳамаи гуноҳҳоеро ки дар хотир доштам, гуфтам. Вақте ки ман суханамро тамом кардам, акаи Комил назди ман омад ва мо якҷоя ба Исои Масеҳ дуо кардем ва илтимос кардем, ки ба ман зиндагии нав диҳад. Вақте ӯ маро пурсид, ман танҳо "ҳа" гуфта тавонистам. Вақте мо хестем, ман фаҳмидам, ки Исои Масеҳ сомарии некдили ман буд. Акнун ман дар ҳақиқат шод будам, вале аз он ғамгин будам, ки ба қарибӣ лагер тамом мешавад. Дар лагер ҳодисаҳои бисёр шавқовар шуда гузаштанд, лекин ҳодисае ки ман Исои Масеҳро шинохтам, ҳодисаи беҳтарин дар ҳаёти ман буд.*

Дар синф оромӣ ҳукмфармо буд. Сарҳоро дар болои даст такя дода, бисёриҳо ҳамин тавр нишаста буданд. Танҳо Ҳоким гоҳ-гоҳ ба сӯи Умед гапҳои масхараомез мезад. Баъд аз дарс писарон фикркунон ба хона рафтанд. Дар назди кӯпрук Шералӣ пурсид:

– Фирдавс, он чи ту хондӣ, дар ҳақиқат рост буд?

– Ҳа, – гуфт дӯсташ.

– Ман метавонистам ба ту ҳасад барам.

– Ин лозим нест, – гапашро бурид Фирдавс. – Ту ҳам инро фаҳмидан метавонӣ, агар ба Исои Масеҳ бовар кунӣ.

Писари қассоб Ҳоким, ва Умед низ дар бораи ҳодисаи Фирдавс сӯҳбат карданд. Лекин Ҳоким бо суханҳои "Ҳоло ба вай нишон медиҳам. Барои ин хел худотарсон дар синфамон ҷой

нест", – гапашро тамом кард.

Аллакай рӯзи дигар байни Ҳоким ва Фирдавс ҷанг сар шуд. Онҳо дар дарси математика кори хаттӣ доштанд. То ин вақт Фирдавс дафтарашро барои кӯчонидан ба Ҳоким нишон медод. Лекин ҳозир ӯ кӯшиш накард, ки чашми Ҳоким ба дафтараш расад. Ӯ дар ҷояш рост нишаста, менавишт. Ӯ ба Ҳоким гуфта буд, ки дигар ҳаромкорӣ намекунад.

– Фиребгар, – баъд аз дарс гуфт Ҳоким, – ту худатро дар синф бад мекунӣ. Ту ҳоло аз худотарсият пушаймон мешавӣ ва аз ман бахшиш мепурсӣ. Афсонаҳоят дар бораи Исо ба ту дигар ёрӣ дода наметавонад.

Ҳоким баъд аз ин суханҳо ба рӯи пойи Фирдавс туф кард. Фирдавс тамоми қувваташро ҷамъ кард, то ки фикри қасосро ба ёд наоварад. Ҳоким калонтар ва аз Фирдавс боқувваттар буд. Ӯ соли гузашта аз синфаш монда буд. Ба заданҳои падараш нигоҳ накарда, ӯ рӯз аз рӯз бадтар мешуд. Лекин ӯ бо худ доим пул дошт ва бо ин худро дар синф ширин мекард.

Бечора Фирдавс! Рӯзи дигар дами чарххои дучархааш, ки дар саҳни мактаб буд, баровард шуда буд. Аз ҷойҳои кафондашудаи баллон маълум буд, ки онро бо асбоби тез сӯрох кардаанд. Танҳо Ҳоким инро карда метавонист. Лекин инро бо чӣ исбот кардан мумкин аст?

Фирдавс бисёр кӯшиш кард, то бо Ҳоким оштӣ шавад, аммо нашуд. Лекин чизе шуд, ки ҳеҷ кас дар ин бора фикр накарда буд.

Муаллим Салимов синфро барои саёҳат ба пеши як кӯли наздик бурд. Ҳама аз рӯи нақша роҳ мерафтанд. Ба писарон оббозӣ хеле маъқул

шуд. Онҳо нағз рафтор карданд ва муаллим ваъда дод, ки бори дигар боз ба саёҳат мераванд.

Хурсандӣ дер давом накард, чунки дар роҳ ба сӯи хона маълум шуд, ки на ҳамаи талабагони синф ҳастанд. Ҳоким набуд. Муаллим дар хотир дошт, ки Ҳокимро панҷ дақиқа пеш аз хестан дар назди Умед ва Сулаймон дида буд. Онҳо ҳама якҷоя дам гирифта, Ҳокимро интизор шуданд. Баъд аз даҳ дақиқа муаллим бесаранҷом шуд.

– Ягон кас медонад, ки Ҳоким дар куҷост? – Ӯ бо диққат ба рӯйи талабагон нигоҳ кард. Онҳо ба аломати инкор сар ҷунбониданд, танҳо Умед ва Сулаймон шармгинона ба дигар сӯ нигоҳ карданд.

– Сулаймон, Ҳоким дар куҷост?

– Ман намедонам, – ҷавоб дод Сулаймон.

– Пеш аз баргаштанамон шумо якҷоя будед ку, – гуфт муаллим.

Сулаймон оҳиста-оҳиста ба гап даромад:

– Ҳоким ба тарафи кӯл рафт, ӯ хост якчанд сигорро гирад.

*"Сигор!"* – андешид муаллим. Дар бачагиашон онҳо ҳам гули қамишро "сигор" меномиданд. Оё Ҳоким намедонад, ки ин хеле хатарнок аст? Акнун ӯро дар куҷо кобанд? Кӯл хеле калон аст. Онҳо дунафарӣ тақсим шуда, ба ҳар тарафи кӯл рафтанд. Як гурӯҳро муаллим ва гурӯҳи дигарро Фирдавс бо Шералӣ роҳбарӣ мекарданд. Шералӣ бо Фирдавс ба самти шимол ҳаракат карданд. Чашми Фирдавс либос мекофт, вале намеёфт. Ногаҳон ӯ пойафзоли Ҳокимро дид. Дар ин ҷо найҳо ба ҳам хеле

наздик буданд. Ӯ дод зад:

– Ҳоким! – Ҳоким!

Лекин ягон ҷавоб набуд. Ӯ хомӯш истода, ба овози об гӯш кард. Ӯ пойафзоли худро кашида, аз пушти овоз рафт ва ба Шералӣ фармуд, ки аз ӯ чашм наканад. Найҳои баландро бо дастҳояш ба ду тараф ҷудо кард.

Вақте ки аз соҳил якчанд метр дур гашт, лағжида ба даруни об афтод. Ӯ тарсид, вале ҳис кард, ки касе пойҳои ӯро мекапад. Тарсаш боз ҳам зиёдтар шуд. Фирдавс шиновари хуб буд. Ӯ ба об ғӯта зада, дарунтар рафт. Ин чист? Дуруст, ин одам. *"Ин танҳо Ҳоким буда метавонад"* – барқвор фикр кард Фирдавс. Ӯ бояд ягон илоҷ кунад. Найҳо ба ӯ халал мерасонданд. Хайрият, об дар ин ҷо чуқур набуда, тақрибан 2 метр буд. Фирдавс худро аз найҳо озод карда, ба рӯи об баромад. Ӯ баланд нидо кард:

– Наҷот диҳед! Муаллимро ҷеғ занед! Ҳоким дар ин ҷост!

Шералӣ хост, ки давида, муаллимро ҷеғ занад. Лекин дар наздикӣ чӯби дарозро дид. Ӯ онро ба тарафи Фирдавс тела дод ва баъд ба сӯи дигар рафт, то муаллимро ҷеғ занад. Муаллим аллакай ба тарафи онҳо мешитофт. Дар роҳ камзӯлча ва галстукашро кашида, ба об ҷаст. Фирдавс тавонист, ки Ҳокимро ба болои чӯб монад. Ӯ эҳтиёт мекард, ки Ҳоким дигар об нанӯшад. Қуввати ӯ суст мешуд, лекин наҷотдиҳандагон аллакай наздик буданд. Аввал Ҳокимро ва баъд наҷотдиҳандаи ӯро кашида ба соҳил бароварданд. Нозим ба деҳаи

наздик рафта, аз беморхона духтуронро ҷеғ зад. Муаллим Салимов ба беҳуш ёрии аввалин расонд. Ӯ Ҳокимро ба шикам хобонда кӯшиш кард, ки аз даҳони ӯ обро бароварад. Набзаш тезтар метапид. Вақте ки Ҳоким ба ҳуш омад, худро дар ҷойгаҳи сафед дид ва модару муаллимаш дар наздаш буданд. Ӯ асли воқеаро аз онҳо шунид. Ҳеҷ кас ӯро сарзаниш накард ва ӯ шод шуд, ки воқеа ин хел нағз ба охир расид.

Меҳмонони Ҳоким бисёр буданд; падараш мӯйи ӯро сила кард, ки аз ин Ҳоким аввал ҳайрон ва баъд шод шуд. Лекин аз ҳама бисёртар ӯро Фирдавс хабар мегирифт. Аввал ӯ каме тарсид. Боре вақте ки вай бо Фирдавс дар ҳуҷра танҳо монд, аз ӯ пурсид:

– Ту чӣ хел метавонӣ маро хабар гирӣ, ман доим туро масхара мекардам-ку? Ту бояд маро хеле бад бинӣ.

– Эҳ, мон. Ҳозир ҳамааш нағз аст, – ӯро ором кард Фирдавс. Лекин Ҳоким бас накард.

– Не ҳамааш нағз нест, – гапи Фирдавсро бурид ӯ, – вақте ки ман ғарқ шуда истода будам, фаҳмидам, ки гум шудаам ва ҳамааш мисли филм аз назарам гузашт. Ва дар охир туро дидам. Ту дар назди дучарха будӣ ва сӯрохиро дида, ҳеҷ чиз нагуфтӣ, ҷанҷол накардӣ. Ман дар ёд дорам, ки туро чӣ хел баъд аз дарси математика озор додам, вале ту ҳеҷ чиз нагуфтӣ. Ва дар охир туро дидам, ки чӣ тавр иншоятро хондӣ ва ман низ хурсанд мебудам, агар чунин имон медоштам. Лекин

он вақт аллакай дер шуда буд.

Дер набуд. Фирдавс чӣ кор карданашро медонист. Вақте ки Ҳоким аз беморхона баромад, ӯ дӯсти нав пайдо кард.

## *12. Янги гуреза*

Шолипояҳо хеле баланд буданд. Кишоварзони хитоӣ аз ин хеле шод буданд. Онҳо орзу доштанд, ки имсол ҳамаи қарзҳо ва ҳамаи андозҳояшонро супорида метавонанд. Лекин аз дигарон дида як нафар хурсандтар буд. Ин падар Ван буд, ки солҳои пеш заминдори калон буд. Аллакай чанд рӯз шуда буд, ки ӯ бо зану писараш Янг аз заминҳои шолизор мегузаштанд. Ӯ бо эҳтиёт роҳ мерафт. Сарҳади Ҳонгконг хеле наздик буд. Оё онҳо гурехта метавонанд? Аз нақли падари пир Лиу, ки рӯзҳои охир дар назди ӯ буданд, дарёе ки сарҳадро ба ду тараф тақсим мекунад, дар наздикӣ аст.

Пеш-пеш падар Ван мерафт. Барои гурезаҳо тумани зич хеле қулай буд. Падар Ван, аз пушти ӯ Янг ва баъд модараш роҳ мерафтанд. Ана – як мард! Ҳама худро хам карданд. Вай сарҳадчии хитоӣ буд. Бо мили автомат ба поён ӯ сарҳадро посбонӣ мекард. Дар пушти вай, тақрибан дар масофаи даҳ метр, сарҳадчии дуюм истода буд. Онҳо бо ҳамдигар гап намезаданд. Сарҳадчии аввалин сигор мекашид ва дуюмаш бошад чӯби биринҷро бо дандонҳояш майда мекард.

Ҳа, онҳо ба дарёе ки дар сарҳад буд, расиданд. Ҳоло онҳо аҳамият медоданд, ки сарҳадчиён дар муддати чанд вақт боз ба қафо бармегарданд.

Баъд аз понздаҳ дақиқа онҳо боз баргаштанд.

– Вақт хеле кам аст, – бо овози паст гуфт падар Ван.

– Ҳеҷ гап не! – Гуфт зани қадпасташ. – Ин қадар вақт кифоя аст!

Чунон ки пештар маслиҳат карда буданд, падар бори вазнинашро дар назди занаш монда, аввал бо писараш бояд аз дарё мегузашт. Онҳо ба мисли оҳувон аз киштзор гузашта, ба миёни чӯбҳои бамбук омаданд. Янг бо тамоми қувва ба гардани падараш часпида буд. Об хунук буд. Лекин аз ҳаяҷон онҳо инро қариб намефаҳмиданд. Падар Ван шиновари хуб буд. Ӯ ба ақиб нигоҳ кард, то ки ин маконро дар бозгашт ёфта тавонад. Баъд ӯ бо дастони пурқувват аз дарё гузашт. Дарё дар ин ҷой васеъ набуд, лекин суръаташ сахт буд. Онҳо тақрибан 200 метр поёнтар ба соҳили дигар расиданд. Хайрият тумани ғафс ҳама ҷоро пӯшонда буд. Онҳо бисёр об нӯшиданд.

Дар тарафи дигари дарё ҷангал буд. Янгро дар таги буттаҳо пинҳон карданд. Ӯ бояд дар ин ҷо, то омадани падару модар бо каме анҷомҳояшон мунтазир шуда меистод.

Янг бо либосҳои шип-шилтааш хунук мехӯрд. *“Умед дорам, ки ба падарам ягон воқеа рӯй намедиҳад”* – фикр кард ӯ. Дар назар дақиқаҳо ба мисли соатҳо метофтанд. Аз рӯи ҳисоби вай падараш ҳозир бояд ба соҳили дигар расида бошад. Оҳ! Ин чист? Янг сарашро хам кард. Аз пешаш ду мард гузашт. Яктояш хитоӣ ва дигараш либосҳои тоза дошта, ба хитоӣ

монанд набуд. Рӯяш сафед буд. Дар дастҳояш дастпӯшакҳои сафед ва дар сараш кулоҳ дошт. Дертар Янг ба ин монанд аскаронро хеле бисёр дид. Онҳо англисҳо буданд. Чунки шаҳри Ҳонгконгро англисҳо забт карда буданд. *“Ӯ афсар бошад?”* – фикр кард ӯ. Ӯ ин қадар тоза метобад. Онҳо тақрибан дар масофаи 20 метр аз назди ӯ гузаштанд. Дар ватанаш мегӯянд, ки англисҳо шоколад доранд. Ин мард ҳам шоколад дошта бошад? Фикрҳои Янг парешон шуданд. Аз он сӯи соҳил овози тир шунида шуд. Падар! Модар! ӯ хост дод занад. Лекин худдорӣ кард; ин амалаш ӯро ошкор мекард. Дилаш дар сандуқи сина тез-тез метапид. Ҳама чиз дар пеши чашмонаш чарх мезад. Чӣ кор кунад? Шино кунад – ӯ шино карда наметавонист. Падараш ба ӯ фармуда буд, ки дар ҷояш шинад. Акнун вай аз хунукӣ не, балки аз тарс меларзид. Оё падару модарамро сарҳадчиёни бад захмдор карда бошанд? Ё ин ки онҳо аллакай мурданд? Гап-гап буд, ки дар сарҳад мина гузошта шудааст. Оё ин дуруст бошад? Не, ин овози тир буд. Янг ба гиря даромад. Ӯ дер ва паст гиря кард; лекин баъд хобаш бурд. Ӯ рӯҳан ва ҷисман бисёр қувват сарф карда буд.

Вақте ки ӯ бедор шуд, аллакай офтоб баланд шуда буд. Нурҳои гарми офтоб либосҳояшро қариб хушк карда буданд. Танҳо он ҷойҳое ки офтоб нарасида буд, каме тар буданд. Ӯ аввал ҳайрон шуд ва баъд ба ёдаш омад, ки ӯ дар куҷост. Не, ба ҳеҷ куҷо рафта наметавонист. Аз як тараф ӯ намедонист, ки ба куҷо равад ва аз дигар тараф падараш ба ӯ гуфта буд, ки то

шаб дар ин ҷо мунтазир шуда шинад. Мумкин волидонаш аз сарҳадчиён гурехта бошанд. Баъд онҳо имшаб кӯшиш мекунанд, ки аз дарё гузаранд.

Шом шуд. Нимишаб шуд. Нурҳои моҳтоб аз барги дарахтҳо гузашта медурахшид, лекин волидонаш намеомаданд. Боз писаракро хоби сахт гирифт. Душворӣ аз нишастани зиёд, гуруснагӣ ва ашки чашмон Янгро ба хобидан маҷбур мекарданд. Рӯзи дигар гуруснагӣ писаракро аз ҷояш берун овард. Ӯ ба шаҳр рафта, биринҷ талабид. Рӯзҳо мегузаштанд. Ҳар рӯз ӯ ба он ҷое мерафт, ки бояд бо падараш вомехӯрд, лекин онҳоро намеёфт.

Ӯ шабро дар қуттиҳо рӯз мекард. Дар мобайни флягаҳо ё дар таги кӯпрукҳо шабро мегузаронд. Рӯзона хӯрок металабид ё дуздӣ мекард. Дар маҳалаи аврупоиён ӯ барои ёфтани хӯрок партовгоҳҳоро мекофт ё дар вайронаҳои хонаи гурезаҳо мегашт. Қариб ҳамаи лаҳҷаҳои хитоиро дар он ҷо мешунид. Рӯзе ӯ дар яке аз ҷункҳои* бисёр ғайб зад. Онҳо дар шохаи мурдаи дарё зиндагӣ мекарданд. Ӯ дар он ҷо қисми бадтарини зиндагияшро гузаронд. Ӯро ба ин ҷо як коргари бандар овард. Янг ҳамчун ёрдамчӣ дар ошхона кор мекард. "Падари нав"-и ӯ одами хеле бад ва бераҳм буд. Бисёр вақт ӯ маст ба хона меомад. Рӯзе набуд, ки ӯ дар бораи хӯрок фикр накунад. Писаракро бераҳмона мезад, сагро ба тарафи ӯ киш-киш мекард. Ҳамеша дар пойҳои харобаш пайи дандони

* Ҷунк–киштиҳое ки дар он хитоиҳо зиндагӣ мекарданд

саг ва лату кӯб дида мешуд. Марди бадмаст аз дидани Янги хуншору аз саг гурезон лаззат мебурд. Агар ӯ сагро мезад, ҷазо мегирифт. Ба Янг хеле кам хӯрок медоданд. Ӯ рӯзона бояд нашъаро ки дар даруни чӯбҳои бамбук буд, ба киштиҳо бурда, бор мекард.

Ӯ мехост гурезад. Лекин соҳибаш ба ӯ гуфта буд, ки ӯро бо саг кофта меёбад ва баъд
зада мекушад. Ӯ ба куҷо рафта метавонист! Ҳонгконг шаҳри калон буд, вале ӯ ҳеҷ касро намешинохт.

Ногаҳон зиндагияш тағйир ёфт.

Рӯзе киштии англисҳо ба назди дари киштии Янг истод. Онҳо милиса буданд. Онҳо тамоми киштиро тафтиш карда, Янгро бо нашъа гирифтанд. Янг аз милисаҳо шунид, ки соҳибаш ба ҳабс гирифта шуд. Милисаҳо ба Янг савол доданд. Ӯ ба ҳама саволҳо ҷавоби дуруст дод. Милисаҳо бо ӯ меҳрубон буданд. Ҳатто яке аз онҳо ба вай шоколад дод. Ӯ бо шукргузорӣ шоколадро гирифт. Баъд аз саволҳои зиёд яке
аз милисаҳо хоҳиш кард, ки ӯ аз пушташ биёяд.

Ӯ ба манзили миссионерон бурда шуд. Миссионер чиркинхӯҷаро аввал ба ҳаммом бурда, бадани чандин моҳҳо собуннадидаи ӯро шуст. Ӯ захмҳои бадани Янгро дид. Янг ба ӯ воқеаҳои аз сараш гузаштаро нақл кард.

*"Бечора писарак",* – фикр кард миссионер. Баъд ӯ ба Янг шим ва курта дод. Пас аз он ҳамшираи тиббӣ барои пешгирии касалиҳо ба ӯ сӯзандору

гузаронд. Мумкин саг ягон касалӣ дошт. Дар ин хона бисёр чизҳо нав буданд: соати электрикӣ, дарзмолкунак, асбобҳои мусиқӣ аз ҷумла най, ки онро миссионер менавохт ва боз як ҷевон, ки агар ба тугмаҳои сафеди он зер мекардӣ овоз мебарвард: фортепиано!

Расмҳои дар девор овезон низ дигар хел буданд. Пештар дар хонаи падараш Янг дар ёд дошт, ки онҳо сурати бутҳо доштанд. Лекин дар ин ҷо бошад дар девор оятҳо овезон буданд ва салиб, ки дар он марде мехкӯб карда шуда буд. Он манзараи даҳшатнокро тасвир мекард. Мард тоҷе аз хор дар сар дошт.

– Ин чӣ хел Худо аст? – донистан мехост Янг.

– Ин Худои аврупоиён аст! – гуфт ба ӯ Таро, писари хурдакаке ки як ҳафта пеш ба ин хона омада буд. – Номи Ӯ Исои Масеҳ аст ва Ӯ Писари Худост.

– Барои чӣ дар ин ҷо танҳо як сурати Худо аст? Дигар худоҳо дар куҷоянд? – пурсид Янг.

– Миссионер ба мо ёд дод, ки танҳо як Худо ҳаст, ки ҷаҳонро офаридааст ва ин Писари Ӯст! – ҷавоб дода шуд.

Ҳар ду истода, ба ин сурат, ки Масеҳ дар он мехкӯб шуда буд, бо диққат нигаристанд.

Ӯ мисли худоёни онҳо набуд. Дар тани Ӯ либосҳои зебо ва сангҳои қиматбаҳо набуданд.

Ин Худо ба салиб мехкӯб шуда буд! Янг ва Таро нафаҳмида монданд, ки чӣ тавр дар кушода шуда, миссионер даромад. Ӯ ба писарбачаҳо бо диққат нигоҳ кард, баъд ба онҳо наздик шуда,

ба китфи онҳо даст монд ва гуфт:

– Ҳа дӯстони ман, шумо чаро ин қадар хомӯш ҳастед!

– Ин сурати даҳшатовар сурати кист? – бори дигар пурсид Янг.

– Янг, ин Исои Масеҳ аст, ки барои гуноҳҳои ману ту дар салиб мехкӯб шудааст.

– Барои гуноҳҳои шумо ва ман? – Янг фикр кард. – Шумо ҳам дуздӣ карда, нашъа фурӯхтед, – бо овози паст гуфт ӯ, – ва одам куштед?

Дар лаби миссионер ханда пайдо шуд.

– Ҳамаи одамоне ки Худоро намешиносанд, ҳамин тавр гумон мекунанд. Гуноҳҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки ту онҳоро номбар накардӣ. Ҳа, ман ҳам гунаҳкорам ва барои ҳамин Писари Худо азоб кашид.

Хитоии хурдкак чашмонашро калон кушода, ба миссионер нигоҳ кард. Лабҳои ӯ ҷунбиданд:

– Инро шумо худатон ҳал карда натавонистед?

Миссионер хандида, ба аломати инкор сарашро ҷунбонд.

– Ҳар дуятон ба ҳуҷраи кории ман дароед. Ман каме вақт дорам. Ман мехоҳам инро ба шумо фаҳмонам.

Онҳо аз пушти аврупоӣ рафта, бо зинапояҳо ба боло баромада, ба ҳуҷраи кории миссионер расиданд. Ҳар се дар он ҷо нишастанд. Баъд ӯ ба сухан сар кард.

– Одамони аввалин ҳазорҳо сол пеш зиндагӣ кардаанд. Аввалин мард Одам ва аввалин зан Ҳавво ном доштанд. Онҳо хеле зебо ва меҳрубон буданд. Онҳо ҳеҷ вақт гуноҳ накарда буданд

ва барои ҳамин бо Худо, ҳамон тавре ки ман бо шумо гап мезанам, гап зада метавонистанд.

Лекин баъд онҳо гӯш накарда, чизеро гирифтанд, ки Худо гирифтанашро ба онҳо манъ карда буд. Ва инро онҳо медонистанд. Аз ин сабаб дар миёни онҳо ва Худо ҷудоӣ ба миён омад. Як бор ба ин сурат, ки дар ин ҷо овезон аст, нигаред.

Миссионер ба назди сурат рафта, онро аз девор фаровард ва ба писарон нишон дод.

– Шумо дар як тараф боғи зеборо мебинед. Ин биҳишти осмонӣ аст. Ва дар тарафи дигар роҳеро мебинед. Дар он шахсоне тасвир ёфтаанд, ки халтаҳои калонро ки гуноҳ аст, мебардоранд. Байни биҳишт ва замин чуқурии калон аст. Як рӯзе мешавад, ки ҳама одамон ба назди чуқурӣ мерасанд. Лекин чуқурӣ чунон васеъ аст, ки кас метавонад ба поён афтад.

– Дар болои чуқурӣ ягон кӯпрук вуҷуд надорад? – донистан мехост Янг.

– Вуҷуд дорад. Худо Писарашро ба замин фиристод, то ки аз болои чуқурӣ роҳ кушояд.

Янг андешид.

– Ӯ инро чӣ тавр кард?

– Ин як ҳикояи хеле аламангез аст. Вақте ки Исои Масеҳ дар замин зиндагӣ менамуд, бисёр некӣ мекард. Лекин на ҳама одамон Ӯро дӯст доштанд.

Янг ба қаҳр омада, пурсид:

– Барои чӣ Ӯро дӯст надоштанд? – писарчаи дигарӣ аввал ба ӯ ва баъд ба миссионер нигоҳ кард.

– Барои он ки ба касоне ки худро хуб меҳисобиданд, гуноҳҳояшонро мегуфт, – фаҳмонд миссионер. – Онҳо қарор доданд, ки Ӯро кушанд. Онҳо ба назди милиса рафтанд. Инҳо аскарони ҷавон буданд, ва Исоро барои шӯриши халқӣ айбдор мекарданд. Исоро ба ҳабс гирифтан осон набуд. Ӯ дӯстони бисёр дошт. Онҳо Ӯро бояд шабона ҳабс мекарданд. Яке аз шогирдонаш, Яҳудо, ба онҳо ёрӣ дод. Вай барои пул шуда, Устоди худро фурӯхт. Дар боғи Ҷатсамонӣ Ӯ ба ҳабс гирифта шуд.

– Ӯ худро ҳимоя накард? – пурсид Янг.

– Не, Ӯ бегуноҳ худро ба ҳабс дод. Аскарон аз ин ҳайрон шуданд. Онҳо намедонистанд, ки Исо на ба онҳо, балки ба Худо итоат мекунад. Шабона Ӯро бозпурсӣ карданд. Дар ҳавлии калони додгоҳ Ӯро баста ба саркоҳин Ҳанониё нишон доданд. Ӯ маҳбус буд, вале чун шоҳ истод.

– Мисли шоҳ?

– Ҳа, Исо шоҳ буд. Ӯ қасрҳо, пул ва аскарон надошт, лекин подшоҳии Ӯ дигар буд. Ӯ подшоҳии ноаён дошт. Ин дар осмон ва замин аст. Лекин коҳинон ҳамаи инро намефаҳмиданд. Баъд Исоро ба назди саркоҳин бурданд. Исо ба ӯ аниқ гуфт, ки Ӯ Писари Худост. Лекин маҳз ҳаминро 70 нафар аъзоёни шӯро шунидан намехостанд. Онҳо хеста, Ӯро дашном доданд, заданд ва ба рӯяш туф карданд.

Писарбачаҳо бо диққат гӯш мекарданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ин ҳикояро нашунида буданд. Миссионер гапашро давом дод. Ӯ қариб фаромӯш карда буд, ки дар наздаш ду писарбача

истодааст. Ӯ чунон нақл мекард, ки гӯё дар назди синфи калоне гап зада истода бошад.

– Субҳи барвақт буд. Тахминан соат панҷи саҳарӣ буд. Дар ин вақт Исои Масеҳро ба назди ҳоким оварданд. Мисли он ки ҳозир дар Ҳонгконг англисҳо ҳукмронанд, пеш дар Яҳудо аскарони Рум ҳукмрон буданд. Ҳоким Пилотус масъалаи Исои Носириро дида баромад. Вале ӯ дар Исо ягон гуноҳро надид. Исо касеро накушта буд, Ӯ дузду ғоратгар набуд. Коҳинон мегуфтанд, ки Ӯ шӯришгар аст, вале Пилотус ҳеҷ гуна шӯришгарии Ӯро надида буд. Дар айбномаи аскарони румӣ танҳо навишта шуда буд, ки Ӯ мавъиза мекунад, беморонро шифо медиҳад, мурдагонро зинда мегардонад ва бисёр некӣ мекунад. Пилотус одаме буд, ки аслан касонеро ки ба ӯ маъқул набуданд, бераҳмона мекушт. Лекин дар масъалаи Исо ӯ фаҳмид, ки халқ Исоро дӯст медорад ва аз ин сабаб коҳинон ба Исо бахилӣ доранд. Исо ба коҳинон гуфта буд, ки онҳо дурӯяанд.

Не, Пилотус дар Исо гуноҳе наёфт. Ӯ ба воситаи ин Мард айбдор шудан нахост. Лекин ӯ муносибати худро бо яҳудиён вайрон кардан намехост. Бинобарин ӯ ҷавобгариро аз худ дур кард. Ӯ Исоро ба назди шоҳи Ҷалил, Ҳиродус Антипас, фиристод. Исо дар Ҷалил бисёр мавъиза карда буд. Агар Ҳиродус Ӯро ба қатл расонад, ин айби Пилотус ҳисобида намешавад. Ҳиродус шоҳи одил набуд. Ӯ Яҳё пайғамбарро ба қатл расонда буд. Дар ин бора ба шумо баъдтар нақл мекунам.

Акнун мардум дар он ҷо истода, марги Исоро металабиданд. Ҳиродус низ фаҳмид, ки Исо

бегуноҳ аст. Аз сабаби он ки Исо дар доварӣ ором буд ва шоҳро он қадар эҳтиром накард, Ӯро дар ин ҷо низ масхара карданд. Ба Ӯ либоси сафеди подшоҳӣ пӯшонданд. Бо ин либос Ӯро аскарон боз ба назди Пилотус бурданд.

Аслан Пилотус мехост, ки ӯро ташвиш надиҳанд. Ӯ Исоро қатл кардан намехост. Ӯ як роҳи дигарро ёфт. Иди Песаҳ наздик буд. Дар арафаи ид доим ягон маҳбусро озод мекарданд. Пилотус дар зиндонаш Бараббос ном роҳзан ва одамкуши хатарнокро маҳбус карда буд. Ӯ аз халқ пурсид:

– Киро озод кунам, Исо ё Бараббосро?

Тамоми халқ бо иғвои коҳинон дод заданд:

– Бараббосро!

Як одамкушро сар доданд ва Исои бегуноҳро ба қатл расониданд. Ҳамсараш ба Пилотус гуфт:

– Дастатро аз Исо дур кун. Ман имрӯз аз боиси Вай хоби даҳшатноке дидам.

Пилотус ба одамони ҷамъомада гуфт:

– Пас бо Исо чӣ кунам?

– Ба салиб каш! Ба салиб каш! – дод мезад издиҳоми одамон.

Ӯ бори дигар пурсид:

– Ӯ чӣ бадӣ кардааст?

Касе ба ӯ ҷавоб надод, вале онҳо бесаброна дод мезаданд:

– Ӯро ба салиб каш!

Пилотус фармуд, ки об биёранд. Ӯ дастҳояшро шуста гуфт:

– Ман барои марги ин Одами бегуноҳ ҷавобгар нестам. Лекин бигзор хоҳишатон

иҷро шавад.

Акнун чизи даҳшатоваре ба амал меомад. Исоро чунон бастанд, ки миёнашро рост карда наметавонист. Баъд аскарон Ӯро бо қамчине ки дар нӯгаш сурб дошт, тозиёна заданд. Ин қамчин 39 бор ба пушти Исо зада шуд. Бисёр одамон аз ин зарбаҳои ҳалокатовар мемурданд. Лекин Исо ба ин зарбаҳо чун барраи безабон тоқат кард. Баъд аз ин ба Исои бечора ҷомаи кӯҳнаи аскарӣ пушониданд. Дар сараш аз хор тоҷе бофта монданд. Он сари Исоро хуншор мекард ва Ӯро ҳамин тавр ба назди халқ бурданд. Ҳама хандиданд ва масхара карда, мегуфтанд:

– Салом, эй Подшоҳи Яҳудиён!

Янг сухани миссионерро бурида гуфт:

– Ӯ Худро ҳимоя карда наметавонист?

– Албатта, ҳазорҳо фариштагон ба Ӯ кӯмак расонида метавонистанд. Лекин баъд гуноҳҳои мо бахшида намешуданд. Ба мисли он ки Исоро даҳшатовар заданд, гуноҳҳои мо низ ҳамин тавр даҳшатовар ҳастанд, – фаҳмонд ӯ ба Янг.

Миссионер ба ду пиёла чой рехта, ба онҳо дароз кард. Сипас ба худаш рехт.

– Агар ба Исо чунин чой медоданд Ӯ чӣ гуна рафтор мекард? – давом дод Перл. – Баъди ҳабс кардан ба Ӯ танҳо сирко доданд. Ҳоло Ӯ бо тӯдаи халқ дар майдони доварӣ меистод, ки Ӯро масхара мекарданд. Рӯяш хуншор буд. Аскарон ба рӯи Вай туф мекарданд. Яктояш чӯберо ки ба Ӯ ҳамчун чӯбдаст барои масхара кардан дода буданд, гирифта ба сари Ӯ зад.

Тоҷи аз хор бофташуда ба пӯсти сараш боз ҳам чуқуртар даромад.

Ҳар ду писарбачаҳо ором менишастанд. Янг замонҳоеро ки ӯро азоб дода буданд, ба хотир
овард. Лекин азоби Исои Масеҳ зиёдтар буд ва ҳоло аз ин ҳам сахттар мешавад: ба салиб
мехкӯб кардани Ӯ. Ҳар ду шунавандагон орзу доштанд, ки ин нақл анҷоми нағз гирад.
Миссионер ғарқи андешаҳои худ буд. Ӯ бо чашмони шахшудаи худ ба бачаҳо нигоҳ карда, бадтарин даҳшатеро ки дар таърихи одамӣ воқеъ гашта буд, нақл кард.

– Ба пушти хуншори Ӯ салиби вазнинро монданд. Аз ин бори вазнин дарди миёнаш
зиёдтар шуд. Дар зери ин бор Исо аз пой афтод. Аскарон ба як хориҷӣ фармуданд, ки салибро бардорад.

Ҷое ки Ӯро маслуб мекарданд, баланду ноҳамвор буд. Вақте ки онҳо ба кӯҳи Ҷолҷолто расиданд, Писари Худоро ба салиб кашиданд. Пойҳояш ва дастонашро бо мехҳо ба салиб кӯфтанд. Дард хеле сахт буд; лекин Исо ба он тоб овард ва нола накард. Аскарон салибро бардоштанд. Акнун Исо дар офтоби сӯзон дар салиб овезон буд. Баданаш месӯхт. Хун бо арақ омехта мешуд. Мумкин Ӯро магасҳо азоб медоданд. Ҳангоме ки Ӯ аз онҳо об талабид, ба Ӯ сирко доданд. Дар тарафи чап ва рости Исо ҷинояткорон дар салиб овезон буданд. Яке Исоро дашном дод, вале дигаре Ӯро ситоиш

кард. Ҳеҷ як марг ба мисли маслуб шудан даҳшатовар нест. Исо ба хотири мо ба ин тоб овард. Китобдонон ва фарисиён дар назди салиб
истода, Исоро масхара мекарданд. Исо чӣ кард? Ҷанҷол кард? Ӯ барои ин сабаб дошт. Не, ҳатто дар вақти дарду азоб Ӯ барои душманонаш дуо мекард: *«Падар, онҳоро бубахш, зеро намедонанд, ки чӣ кор мекунанд»*. Ин аз ақл берун аст. Агар ман мебудам, намедонам, ки ин тавр амал мекардам ё не. Баъд аз чанд соат Исо мурд. Пеш аз ин Ӯ гуфт:

– Иҷро шуд!

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки дар он вақт рӯи заминро торикӣ фаро гирифт. Пардаи маъбад ба ду қисм ҷудо шуд. Заминҷунбии сахт ба вуҷуд омад. Он чунон сахт буд, ки харсангҳо ду пора шуданд.

Ҳама аз ин ба ҳарос афтоданд. Сарлашкаре, ки ҳамроҳи аскаронаш Исоро посбонӣ мекард, низ тарсид. Ӯ иқрор шуд:

– Ин шахс дар ҳақиқат Писари Худо буд.

Ҷасади Исоро ба қабр, ки дар даруни як ғор буд, монда, дари онро маҳкам карданд. Лекин дар рӯзи сеюм қабр холӣ буд. Исо эҳё шуд. Аммо дар ин бора ба шумо дертар ҳикоя мекунам.

Дар ҳуҷра оромӣ ҳукмфармо буд. Танҳо аз берун овози мошин шунида мешуд. Янг медонист, ки зарбу лат, дард ва захм чӣ маъно дорад. Лекин дарду азобҳое ки Исо аз сар гузаронда буд, аз дардҳои ӯ зиёдтар буданд. *“Исо аз ман дида бисёртар азоб кашидааст”,* – тахмин кард ӯ.

– Ана ҳамин тавр шуда буд, – суханашро

давом дод миссионер, – ва бо ин кораш Ӯ моро наҷот дод. Исо ҳаёташро ба мо дод. Ӯ моро хеле дӯст медорад. Акнун мо бояд Ӯро дӯст дорем ва ба Ӯ бовар кунем, ҳамин тавр не? Ин салиб, ки Исо дар он азоб дид, барои мо ҳамчун кӯпрук ба биҳишт шуд. Ҳамаи онҳое ки ба Исо бовар мекунанд, метавонанд гуноҳҳои худро ба чоҳ партофта, аз кӯпрук гузаранд. Ман орзу дорам, ки рӯзе шумо низ ҳамин тавр мекунед.

Миссионер Перл аз ҷояш хест. Вақти хӯрокхӯрӣ буд. Ӯ ҳоло кор дошт. Писарон ба толори хӯрокхӯрӣ рафтанд. Дар вақти хӯрокхӯрӣ Янг зуд-зуд ба тарафи салиб менигарист. Ӯ ҳоло пурра сарфаҳм нарафта буд, лекин аз он вақт ӯ дӯст доштани Исоро сар кард. Ӯ аз худоҳое ки то ҳол Янг дар бораи онҳо шунида буд, тамоман фарқ дошт.

## *13. Пираняҳо**

Як писарбачаи сафедпӯст ба дари хонаи оилаи сиёҳпӯстҳо омада пурсид:

– Педро дар хона аст?

Ин писарбача Рудӣ ном дорад ва ӯ писари миссионери аврупоӣ аст. Падари ӯ мехоҳад, ки дар ин ҷо, дар Бразилия, ба фермерҳои сафедпӯст ва ёрдамчиҳои сиёҳпӯсти онҳо Хушхабарро дар бораи Исои Масеҳ расонад. Ҳама дӯстони Рудӣ дурагаҳо ва сиёҳпӯстон буданд, мисли Педро, аммо ӯ фарқи байни онҳоро намедонист. Педро дӯсти ҷониаш буд. Вай ҳар гуна ҳикояҳо медонисту аз болои дарёчаҳо часта гузашта метавонист! Агар

Педро аз пикадаҳо** мегузашт, танҳо чанги хок дида мешуд. Назар ба дигар кӯдакони дурага
Педро тамоман дигар хел буд. Онҳо писарони танбалу чиркинхӯҷа буданд, ки бисёр вақт
мисли алошақшақа дуздӣ мекарданд. Не, Педро ин тавр набуд. Аммо ӯ ҳоло дар куҷост? Модараш ба тарафи як дарахт ишора кард, ки дар гирди он дурагаҳо нишаста, чой
менӯшиданду латифагӯӣ мекарданд. Педро ин латифаҳоро гӯш мекард ва гоҳ-гоҳ аз куа*** менӯшид. Рудӣ ду ангушташро ба даҳон монда, ҳуштак кашид. Педро давида ба наздаш омад. Онҳо ба якдигар салом доданд. Ин дӯстон дер боз ҳамдигарро надида буданд. Рудӣ акаашро то назди киштӣ гусел карда буд. Акааш барои дар донишгоҳ хондан ба Аврупо сафар дошт. Рудӣ бо падараш то аз бандар дур шудани киштӣ даст ҷунбонда, бо акааш хайру хуш карданд. Оё акнун ҳайратовар буд, ки Педро дӯсти худро саволборон кард?

– Оё рост мегӯянд, ки дар кӯчаҳои он ҷо қатора мегардад? Дар он ҷо хонаҳои бисёрошиёна ҳастанд? Ҳаҷми киштӣ чӣ қадар буд?

Рудӣ ба ҳамаи ин саволҳо ба мисли пурсиши вай он қадар тез ҷавоб дода наметавонист.

---

* Пираня – як навъ моҳии даранда

** Пикада – номи бразилиявии роҳи ҷангал

*** Куа – чӯбкадуе ки дарунаш ковок асту дар дарунаш чой меандозанд ва бо найча онро менӯшанд

– Ман шунидам, ки дар вокзали роҳи оҳан аз қуттиҳои зард мусиқӣ шунида мешавад ва асосан аз он омадану рафтани қатораҳоро хабар медиҳанд?

– Ҳа дуруст, – ҷавоб дод Рудӣ. – Онҳоро баландгӯяк меноманд. Лекин дар бозгашт ман аз онҳо ягон хабарро нашунидам, чунки ҷумъаи пеш аз иди Песаҳ буд. Дар он рӯз ҳатто овози қатораи меомада шунида намешуд, ягон овоз набуд! Ҳама ҷо ором буд, ҳатто садои мошинҳо шунида намешуданд.

– Ҷумъаи пеш аз иди Песаҳ чист?

Педро писарбачаи хурдакак буд ва агарчи ба ҷамоат мерафт, ӯ дар бораи Исои Масеҳ хеле кам медонист.

– Ҷумъаи пеш аз иди Песаҳ рӯзе аст, ки Исои Масеҳ барои мо мурдааст.

– Ту чиҳо мегӯӣ, Рудӣ, оё Исои Масеҳ барои мо мурдааст? Ӯ ба монанди дигар одамон намурдааст? Ман дар дарси падарат ба ин монанд ҳикояе шунида будам, лекин ба он пурра сарфаҳм нарафтам. Оё як одам метавонад барои дигарон ҷон диҳад?

– Албатта, Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурдааст. – Ин суханонро Рудӣ дудила шуда гуфт, чунки ӯ андеша мекард, ки ин суханонро чӣ тавр ба дӯсташ фаҳмонад. Лекин ғайр аз падарашро ба ёрӣ ҷеғ задан ба ёдаш чизи дигар наомад. – Педро, медонӣ чӣ, пагоҳ ману падарам ба ҷангали экваторӣ меравем. Дар мошинамон боз як ҷои холӣ ҳаст, бо мо рафтан мехоҳӣ?

– Ва инро ту мепурсӣ? Чӣ падарат боз ба назди ҳиндуҳо меравад?

– Ин дафъа не, ӯ ба назди миссионери дар он ҷо будагӣ меравад, ки вай бемор аст. Аммо то ба назди ӯ мо бо мошин намеравем. Як қисми роҳро бо асп тай мекунем, лекин ту асп ронда метавонӣ.

Рудӣ аллакай ба худ тасаввур кард, ки вақте ба роҳ мебароянд, чӣ тавр падараш ба Педро сабаби мурдани Исои Масеҳро мефаҳмонад.

Рӯзи дигар мошини кӯҳна ба тарафи ҷангал раҳсипор гашт. Роҳҳо хеле бад бошанд ҳам, хушбахтона, хушк буданд. Вақтҳои боронгарӣ бо мошин дар ин роҳҳо руст мондан мумкин аст. Ғайр аз ин мушкилии дигар низ буд. Боми мошин чунон сӯрохиҳо дошт, ки Педро ва Рудӣ ба манзилашон бо либоси хушк расида наметавонистанд. Рудӣ аллакай дирӯз аз падараш илтимос кард, ки сабаби ин идро ба Педро фаҳмонад. Оё падараш ҳоло дар ин бора фикр карда истода бошад? Ӯ диққати худро чунон ба роҳ банд карда буд, ки дар ин бора фаромӯш карда буд. Нисфирӯзӣ, вақте ки шӯълаҳои гарми офтоб ба замини сурх нурпошӣ мекарданд, онҳо ба сарҳади ҷангал расиданд. Роҳи мошингард баъд аз андак муддат ба поён мерасид. Гоҳ-гоҳ онҳо мошинро бозмедоштанд, чунки дар миёни роҳ баъзе дарахтон афтода, роҳро банд карда буданд. Роҳ боз ҳам душвортар мешуд, дар охир онҳо ба дарёи Игнакус, ки шохаи дарёи Пранас аст, расиданд.

Инҳо чӣ бошанд? Онҳо аз ҷояшон хеста ҳайвонҳоро диданд. Онҳо ҳайвонҳои ваҳшӣ набуда, балки подаи говон буданд. Падари Рудӣ истод. Ба назар чунин менамуд, ки

подабонҳо говҳоро ба тарфи дигари дарё ҳай карда бурданӣ буданд. Лекин яке аз подабонҳо як говро ҳай карда, аз дигар говҳо дур рафт. Он подабон бо ин гов чӣ кор мекарда бошад? Падари Рудӣ ба писарбачаҳо гуфт, ки аз мошин бароянд.

– Ҳозир шумо чизи шавқоварро мебинед.

Онҳо секаса ба тарафи дигари роҳ рафтанд. Медонед, онҳо чиро диданд? Подабон корди калонро гирифта, ба ҳайвон зад. Гов баос зада, рост рафта ба об даромад. Лекин вақте ки ба об даромад боз баос зад. Аз дурӣ маълум буд, ки ӯ бо чизе меҷангад. Дар он ҷо ҷараёни об суст буд, аз ин сабаб об ором менамуд. Ғайр аз ин говон оббозӣ карда метавонистанд. Не, ин тамоман чизи дигар буд. Чизи даҳшатовар. Писарон ба назди об омаданд ва диданд, ки дар гирди гов чизе меҷунбад. Гов дод мезад ва баъд аз чанд дақиқа дар оби пурхун танҳо скелети гов монду халос. Ҳазорҳо моҳиёни гуштхӯр, пираняҳо, дар якчанд дақиқа тамом гӯшти говро хӯрданд. Моҳиҳои зиёде бӯи хунро фаҳмида, аз ҳар тараф ҷамъ мешуданд. Ин манзараи тамоман даҳшатнок буд. Рудӣ дасти падарашро гирифта, бо овози на чандон баланд пурсид:

– Барои чӣ ин мард ба ин кори даҳшатовар даст мезанад?

Падараш беовоз ба тарафи дигар, ки тақрибан 300 метр дуртар буд, ишора кард. Педро ва Рудӣ ба ҳамдигар бо ҳайрат нигаристанд. Дар он ҷо моҳиҳо ба ягон гов ҳамла намекарданд.

Ҳангоме ки моҳиҳо ба тарафи гови хуншор

мераванд, дигар говҳо оромона аз дарё гузашта
метавонанд.

Ҳамроҳон бе сухан ба назди мошин баргаштанд. Падараш мошинро ба роҳ даровард
ва ба сухан даромад.

– Акнун ба шумо мефаҳмонам, барои чӣ дар ин ҷо мошинро нигоҳ доштам, ман мехостам
ин чизи даҳшатнокро ба шумо нишон диҳам. Шумо донистан хостед, ки иди Песаҳ чист, ва барои чӣ Худованд Исо барои мо ҷон дод. Нигаред писарон, даруни мо ва дар атрофи мо гуноҳ аст. Онҳо мисли моҳиёни пираня гӯшти моро хӯрданиянд ва муҳаббати охиринеро ки
мо нисбат ба Худо дорем, низ нобуд карданиянд. Агар мо бо гуноҳ захмдор шавем, ҳоли мо чун ҳоли гови захмдор мешавад, ки моҳиён ба ӯ ҳамла карданд.

Мо ҳама аз дарёи марг мегузарем, то ба зиндагии абадӣ расем. Лекин Исои Масеҳ барои мо мурд. Пеш аз ин аскарон Ӯро бо найза заданд. Ба сари Ӯ тоҷи хордор гузаштанд, хорҳо сарашро хуншор карданд. Ӯ ғарқи хун салибро бардошта натавонист. Вақте ки Ӯро дар салиб мехкӯб карданд, нидо кард: *«Худои Ман, Худои Ман! Чаро Маро тарк кардаӣ?»* Одамоне ки инро диданд ва шуниданд, нафаҳмиданд, ки Исои Масеҳ барои мо мурда истодааст. Онҳо ҳатто Ӯро масхара карданд. Мо барои ҳамин иди Песаҳро ҷашн мегирем, ки дар ин рӯз Исо

гуноҳҳои моро ба Худ гирифт ва мо бе шубҳа аз дарёи марг гузашта метавонем. Шумо ҳоло дидед, ки як ҳайвон барои дигар ҳайвонҳо мурд. Ба мисли ин Исои Масеҳ барои мо ҷон дод!

Дар мошин боз оромӣ ҳукмфармо шуд. Танҳо овози мотор шунида мешуду халос. Дар чашмони писарбачаҳо ашк ҳалқа зада буд. Ногаҳон лабҳои Педро ларзиданд, ӯ онҳоро ҷунбонида, бо як азоб гуфт:

– Оё дар ҳақиқат ҳамаи ин азобҳо барои мо буд?

– Ҳа, – гуфт миссионер, – лекин мо бояд дар наздикии Исои Масеҳ зиндагӣ кунем. Ба Исо надик будани мо хеле муҳим аст, дар фикр, дар гуфтор, дар амал. Албатта мо гоҳе гуноҳ мекунем, лекин онҳо моро ба марг бурда наметавонанд, чунки хуни Масеҳ моро аз ин муҳофизат мекунад.

Оё ин ду писарбача фаҳмиданд, ки падари Рудӣ бо ин чӣ гуфтанӣ аст? Ин барои Рудӣ мисоли нав буд. Мумкин дар дили Рудӣ хоҳиш пайдо шуд: *“Ман ҳам мехоҳам ба назди Исои Масеҳ оям ва дар он ҷо монам!”*

Рудӣ ва Педро ҳангоми саёҳати худ дар ҷангал боз соатҳои дигари шодӣ доштанд, лекин ин воқеаро онҳо тез фаромӯш намекунанд.

## *14. Миссионери хурдсол аз Берлин*

– Волфганг, ба фикрам онҳо омада истодаанд, – нидо кард додарам.

– Бе шӯхӣ?

Ман қайчиямро ба як сӯ партофта, аз хонаи

коғазиям баромада, ба сӯи тиреза шитофтам. Дар он ҷо курсиҳо аллакай тайёр буданд ва мо ду хурдакакон ба он баромада, аз тиреза берун нигоҳ кардем. Ҳа, дар ҳақиқат, Ёхен дуруст гуфта будааст. Аз боло падару модарамон меомаданд ва дар байнашон – киро бо худ оварда истода бошанд?

– Ёхен, инҳо оча ва дадаам нестанд, зеро онҳо писарча овардани буданд.

– Не, инҳо оча ва дадаамон ҳастанд. Ман дадаамро аз курткааш мешиносам.

– Лекин барои чӣ ба мо писарча наоварданд?

– Эҳ, ман чунон хурсанд шуда будам, ки барои бозӣ кардан як кас ҳамроҳ дошта бошем, лекин онҳо духтарча оварданд!

– Хурсанд шав, охир мо доим хоҳарча мехостем-ку!

– Ҳа, лекин майдача. Ин ба фикрам қариб дар синни ту аст. Мо мехостем, ки як акаи калон дошта бошем, то ба мо бозиҳои нав ба нав ёд диҳад!

Занги дар садо дод. Онҳо зуд ба тарафи дар шитофтанд ва аз тиреза ба тарафи роҳ нигаристанд. Дар ҳақиқат онҳо падару модарашон буданд, ки духтарчаеро бо худ оварда буданд. Духтарча ду кокулашро дар назди гӯшаш тоб дода буд.

– Ана, бачаҳо, – гуфт падар ва ба модар барои кашидани куртка кӯмак расонд, – ман ба шумо хоҳарча овардам. Шумо дер боз хоҳарча мехостед-ку. Номи ин духтарча Траудхен аст. Ӯ аз шаҳри Берлин мебошад ва то бас шудани бомбаборон дар шаҳри Берлин ӯ дар назди мо

меистад.

Пас аз чанд дақиқа мо писарон хеле хурсанд шудем. Бо Траудхен бозӣ кардан ба мо хеле маъқул шуд. Лекин Траудхен ба фикрҳояш банд буда, дар бораи бозӣ кам фикр мекард. Оё ӯ зиқ шуда бошад? Ӯ нав панҷсола шуда буд. Ӯ дар умраш ҳоло ягон бор ба ҷои дур сафар накардааст. 200 км дур аз ҷои зисташ, бе падару модар, ва хусусан бе лӯхтакаш Лоре – барои духтарчаи хурдакак хеле душвор буд! Ӯ доим ҳунгосзанон гиря мекард:

– Очаҷони ман! Лӯхтаки ман!

Барои дур кардани ғаму кулфати Траудхен мо ҳама бозичаҳоямонро аз ҷевон баровардем. Ман ба болои бом баромада, аз он ҷо қуттии коғазиеро гирифта, ба Траудхен хонача сохтам. Мо дар хонаҳои коғазиямон ба ҳам наздик шуда, аз тирезаҳо бо ҳамдигар гап мезадем.

Бегоҳӣ модарам моро ҷеғ зад:

– Бачаҳо, вақти хӯрок шуд. Бозичаҳоятонро ҷамъ кунед.

Аз дар овози калид шунида шуд. Падарам дари мағозаро маҳкам карда, занги электрикии бехатариро ба кор андохт. Пас аз чанд дақиқа мо ҳама дар гирди миз ҷамъ шудем. Модарам барои мо нон мебурид ва падарам чой мерехт. Мо бачаҳо бо иштиҳо хӯрданро сар кардем. Помидорро гирифта, ба рӯяш намак пошидем ва баъд дар даҳонамон нест кардем.

Танҳо як кас ба дастурхон даст дароз намекард. Ин Траудхен буд.

– Ягон ҷоят дард мекунад? – пурсид падарам.

Траудхен сарашро ба аломати инкор ҷунбонд.

– Оё гушна нестӣ? Ба ту ин хӯрок маъқул нест? – боз Траудхен ҷавоб надод.

– Ту ягон чизи дигар мехоҳӣ?

Акнун Траудхен ҳамаи моро бо диққат аз назар гузаронд, гӯё ки чизеро намефаҳмида бошад. Баъд аз танаффуси кӯтоҳ пурсид:

– Шумо дуо намекунед?

– Дуо? Не, мо дар бораи он нашунидаем. – Йоахим ва ман намедонистем, ки дуо чист. Падари мо дар бораи имон бисёр андеша намекард. Модарамон гоҳ-гоҳ Инҷил мехонд ва мо ба мактаби якшанбегӣ мерафтем. Лекин пеш аз хӯрок дуо кардан? Не, мо чандон диндор набудем.

Барои чӣ Траудхен бе дуо ба ягон хӯрок намерасад? Падарам ба ӯ гуфт:

– Набошад, ту барои мо дуо кун. – Боз як бор Траудхен моро нигоҳ кард ва баъд сарашро хам карда аз даҳонаш чунин калимаҳо баромаданд:

– Биё, Исо, меҳмони мо шав ва чизи ба мо додагиятро баракат деҳ. Омин.

Ин дар оилаи мо тамоман чизи нав буд.

Ин дуо барои ман чунин таъсирбахш буд, ки ман онро пас аз бист сол аниқ дар ёд дорам. Бисёр воқеаҳои давраи кӯдакиямро фаромӯш кардаам, лекин дуоҳои меҳмони хурдакак ҳеҷ аз ёдам намеравад. Дар шомҳои минбаъда дуоҳои Траудхен чизи маъмулӣ шуданд. Ӯ аз ду сол зиёдтар дар назди мо истод. Баъд волидонаш ӯро гашта гирифтанд. Аз он рӯз дар рӯи мизи мо низ дуоҳо тамом шуданд.

Дертар вақте ки ман дар мӯҳтоҷӣ будам,

дуоҳои рӯи миз ба ёдам расиданд. Ман аз мактаб аллакай баромада будам ва гуруснагӣ маро азоб медод. Ман пинҳонӣ аз сарҳади зонаи забтшуда гузаштанӣ шудам. Ин дар соли 1948 ҷиноят буд ва ман чор ҳафта дар Нюрнберг дар ҳабсхона шиштам. Дар ин вақт ман оромона дуоҳои рӯимизии Траудхенро мехондам. Ман он вақт инро пинҳонӣ мекардам, чунки метарсидам, ки дигар маҳбусон маро масхара мекунанд. Исои Масеҳ дуои маро шунид. Бо роҳҳои аҷоиб ман ҳар рӯз хӯроки зиёд мегирифтам. Чунон бисёр, ки ман ҳисоб карда наметавонистам. Акнун ман ба қарор омадам, ки диламро пурра ба Исои Масеҳ месупорам. Ман на танҳо пеш ва баъди хӯрок дуо мекардам, ман ҳам саҳарӣ ва ҳам бегоҳӣ ва тамоми рӯз дуо мекардам. Ман на танҳо аз Ӯ хоҳиш мекардам, балки ба Ӯ шукр ҳам мегуфтам. Ҳа, Исои Масеҳ Худованди ман шуд.

Дар охири ҷанг падарам ҳалок шуд ва дигар ба хона барнагашт. Ман дигар падар надорам, лекин як Касро дорам, ки ба Ӯ эҳтиёҷотамро, орзуҳоямро ва гуноҳҳоямро гуфта метавонам. Агар як кас ба ман савол диҳад, ки оё дар кӯдакӣ имон оварда мешавад, ман ҳамеша ҳикояи Траудхенро нақл мекунам, ки вай аллакай дар панҷсолагияш миссионери далер буд.